# Бонкдорӣ
# Тараққиёт
# Ҷаҳонишавӣ

№2 (101)

АПРЕЛ-ИЮН

2023

*Дар самти сиёсати пулию қарзӣ нигоҳ доштани устувории қурби пули миллӣ, баланд бардоштани қобилияти пардохти низоми бонкӣ, дар сатҳи пешбинишуда нигоҳ доштани таваррум, инчунин, таъмин намудани фаъолияти самараноки низоми пардохтҳо аз ҷумлаи вазифаҳои муҳим боқӣ мемонанд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*





*Бо мақсади мусоидат ба рушди бахши молиявӣ дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” (аз 22.06.2023, №586), аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд.*



# ДАР ИН ШУМОРА


3 **ПРЕЗИДЕНТ.**
ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

ШАРҲИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ ТАДБИРҲОИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ” 7





ОЗМУНИ “ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВИИ БЕҲТАРИН ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИИ СОҲИБКОРИИ БОНУВОН” ДАР САТҲИ ОЛӢ ҶАМЪБАСТ ГАРДИД 9





ҶАЛАСАИ ҲАШТУМИ ШУРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН 21

24 ИШТИРОКИ ХОЛИҚЗОДА ҲОКИМ ҲИКМАТУЛЛО ДАР ҶАЛАСАҲОИ БАҲОРИИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР ВА ГУРӮҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

# ДАР ИН ШУМОРА


3 ПРЕЗИДЕНТ. ПАЁМИ ШОДБОШИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶТ БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

7 ШАРҲИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН "ДАР БОРАИ ТАДБИРҲОИ ВУСЪАТ ДОДАНИ ҲИСОББАРОБАРКУНИИ ҒАЙРИНАҚДӢ"

9 ОЗМУНИ "ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВИИ БЕҲТАРИН ОИД БА ХИЗМАТРАСОНИИ СОҲИБКОРИИ БОНУВОН"

17 ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИБОНКИИ ТОҶИКИСТОНУ ТУРКМАНИСТОН

18 ТАШРИФИ ҲАЙАТИ НАВИ ХБА БА БМТ

19 МУЛОҚОТИ ГУЛБАҲОР НАЗИРӢ БО ҲАЙАТИ ДАФТАРИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ШВЕЙТСАРИЯ

21 ҶАЛАСАИ ҲАШТУМИ ШУРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

24 ИШТИРОКИ ХОЛИҚЗОДА ҲОКИМ ҲИКМАТУЛЛО ДАР ҶАЛАСАҲОИ БАҲОРИИ ХАЗИНАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АСЪОР ВА ГУРӮҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

30 ТАДКИҚИ ОМИЛҲОИ БА ДАРОМАДНОКИИ САРМОЯ ТАЪСИРРАСОН

36 ФЕСТИВАЛИ АВВАЛИНИ "САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ" ДАР ДУШАНБЕ

42 АҲАММИЯТ ВА ЗАРУРАТИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ

46 БОНУВОНИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФЕСТИВАЛИ ҶУМҲУРИЯВИИ "САД РАНГИ ЧАКАН"

48 ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ БА МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

52 20 БОНУИ МУВАФФАҚ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ

54 ДАЛЕЛҲОИ ҶОЛИБИ БОНКӢ

56 БАҲОДИҲИИ ХАВФИ МИЛЛИИ ҚОНУНИГАРДОНИИ ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ

58 ТАНГАҲОИ ХОТИРАВӢ ВА ҶАШНИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

64 АХБОРИ НИЗОМИ БОНКӢ

69 ҲИСОБОТИ БОНКҲО ВА ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВӢ



Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
2 (101) АПРЕЛ-ИЮН, 2023



тел: +992 (44) 600- 31- 24
факс: +992 (44) 600- 32- 49

**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 38/1
e-mail: majalla@nbt. tj



**РАИСИ ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҳ. Холиқзода
Аъзои Шурои машваратӣ:
Н. Ҳикматуллозода, Г. Назирӣ,
Ш. Хайрзода, Қ. Хушвахтзода,
А. Миралиев, Т. Ҳақназаров,
М. Ҳасанова

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: М. Ҳасанова
Мутахассиси пешбар: А. Мӯминов
Мутахассиси дараҷаи II: М. Умадуллоева
Ороишгар: Ҳ. Муҷебуллоев



Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.
Шаҳодатномаи қайд: №259/МҶ- 97, аз 29 августи 2022 с.

Маҷалла ба хотири таъмини гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 608 нусха.
Дар матбааи
ҶДММ "Мега-принт"
чоп шудааст.
ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 36.



# Фарҳанги сулҳ пурарзиштарин неъмат ва беҳтарин дастоварди халқи тоҷик

**Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи ваҳдати миллӣ**

Ҳамватанони азиз!

Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки ҳар сол дар кишвари соҳибистиқлоли мо бо шукргузорӣ аз сулҳу суботи комил таҷлил мегардад, барои шаҳрвандони Тоҷикистон яке аз санаҳои муҳим ва таърихӣ ба шумор меравад.

Тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ин ҷашн самимона табрику шодбош гуфта, ба хонадони ҳар яки онҳо сулҳу оромии пойдор ва осоиши рӯзгор орзу менамоям.

> Имрӯз ҷашни ваҳдати миллӣ ҳамчун дастоварди бузургу таърихии халқамон ба яке аз ҷашнҳои умумимиллии мо ва рамзи иттиҳоду ҳамбастагии мардуми шарифи тоҷик табдил ёфтааст.

Бисту шаш сол қабл аз ин, яъне 27-уми июни соли 1997 санади сарнавиштсоз – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки ба шарофати он дар кишвар заминаи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ гузошта шуд.

Ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки Тоҷикистон ҳанӯз аз қадамҳои нахустини даврони истиқлолу озодӣ дар натиҷаи фитнаву дасисаи душманони миллати тоҷик ва давлати тоҷикон ба зарбаи даҳшатноку фоҷиабори таърих – мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва баъдан ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид.

Дар як муддати кӯтоҳ шиддати ҷанг ба дараҷае расид, ки хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба воқеияти даҳшатбори рӯз табдил ёфта буд.

Ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ аз боло то поён аз фаъолият боз монда, тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фалаҷ гардида буданд.

Бо ташаббуси фарзандони огоҳу ватандӯст даъват гардидану баргузор шудани Иҷлосияи шонздаҳуми таърихии Шӯрои Олӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд ва интихоби роҳбарияти нави сиёсии мамлакат дар он шароити ниҳоят вазнин роҳи ягона ва дурусти қатъи хунрезӣ, барқарорсозии сулҳу оромӣ, сарҷамъ кардани миллати тоҷик, бартараф намудани оқибатҳои ҷанг ва фароҳам овардани шароит барои таъмин намудани рушди Тоҷикистон буд.

Бинобар ин, хотирнишон менамоям, ки расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва мустаҳкам намудани раванди ваҳдати миллӣ масири бисёр вазнину пурпечутоб буд.

Маҳз ба ҳамин хотир, барои мардуми кишвар ва хусусан, насли ҷавони мо, ки дар шароити сулҳу суботи комил ба воя мерасад, донистану дарк кардани қадру қимати сулҳу ваҳдат ва кӯшишу талоши пайваста ҷиҳати ҳифзу таҳкими он вазифаи муҳимтарин мебошад.

> **Маҳз ба ҳамин хотир, барои мардуми кишвар ва хусусан, насли ҷавони мо, ки дар шароити сулҳу суботи комил ба воя мерасад, донистану дарк кардани қадру қимати сулҳу ваҳдат ва кӯшишу талоши пайваста ҷиҳати ҳифзу таҳкими он вазифаи муҳимтарин мебошад.**

Имрӯз ҷашни ваҳдати миллӣ ҳамчун дастоварди бузургу таърихии халқамон ба яке аз ҷашнҳои умумимиллии мо ва рамзи иттиҳоду ҳамбастагии мардуми шарифи тоҷик табдил ёфтааст.

Ҳамчунин, бо ифтихор иброз медорам, ки ваҳдат дар баробари арзишҳои истиқлолу озодӣ ва ватану миллат ҷузъи таркибии хираду андешаи сулҳҷӯёнаву таҳаммулгароёнаи мардуми Тоҷикистон ва равшанибахши роҳи пурифтихори созандагиву ободгаронаи аҳли ҷомеа гардидааст.

Воқеан, бояд гуфт, ки аввалин қадамҳо дар ҷодаи ризоияту ҳамдигарфаҳмӣ ва эҷоди раванди ваҳдати миллӣ маҳз дар ҳамон иҷлосияи тақдирсози таърихӣ гузошта шуданд.

Як нуктаи муҳимми дигарро низ таъкид бояд кард, ки баъди баргузории иҷлосия роҳи мо то расидан ба истиқрори сулҳ хеле тӯлонӣ буд ва душманону хоинони миллату давлат баъди имзои Созишномаи сулҳ боз чанд соли дигар ба хиёнату ҷиноятҳои худ идома доданд.

Вале майлу иродаи қатъӣ ва ақлу хиради мардуми шарифи Тоҷикистон боис гардид, ки ҳама дар атрофи Ҳукумат муттаҳид шуда, бо вуҷуди вазъи бисёр мураккаб ва мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоии он рӯзҳо ба барқарорсозии баъдиҷангии минтақаҳои осебдида, зина ба зина обод кардану пешрафта гардонидани Ватан, давлат ва осоиши ҳар як хонадони мамлакат бо азму талоши ватандӯстона оғоз намоянд.

Аз нишондиҳандаҳои омории солҳои охир метавон натиҷа гирифт, ки Тоҷикистон ба марҳалаи рушди устувор ворид гардида, соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, илму мориф, фарҳангу тандурустӣ, роҳсозиву коммуникатсия ва соҳаву бахшҳои дигар бомаром тараққӣ карда истодаанд.

Ин ҳама натиҷаи сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, самараи заҳмати содиқонаву ватандӯстонаи халқи қаҳрамони Тоҷикистон ва албатта, мояи ифтихору сарфарозии хурду бузурги мамлакат мебошад.

Сулҳу субот ва ваҳдати



миллӣ ҳамчун омилҳои муттаҳидсозандаи мардуми тоҷик имкон фароҳам оварданд, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад ва барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардад.

Дар робита ба ин, мехоҳам боз як масъалаи дигарро таъкид намоям.

Фарҳанги сулҳ пурарзиштарин неъмат ва беҳтарин дастоварди халқи тоҷик, ифодагари орзуву ормон ва нияту мақсадҳои наҷиби мардуми шарифи кишвар мебошад, ки арзишҳои ҷовидонаи инсондӯстиву фарҳангпарвариро дар тӯли асрҳо пуштибонӣ кардаанд.

Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки дар шароити ниҳоят печидаву ҳассоси минтақа ва ҷаҳони муосир тарғибу талқини ғояҳои сулҳу амният, суботу оромӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ҳисси ифтихори миллӣ ва омӯхтани таъриху фарҳанги миллат аҳаммияти аз ҳарвақта бештар пайдо кардааст.

Тазодҳои замони муосир, зуҳури ғояҳои хатарбор, шиддат гирифтани муборизаҳои мафкуравӣ, рақобатҳои иттилоотӣ ва хатарҳои дигар, ки тӯфони ҷаҳонишавӣ бо худ меоварад, моро водор месозанд, ки андешаи муқаддаси ваҳдати миллиро ба хотири саодати миллат ва бақои давлат ҳарчи бештар густариш бахшем.

Мо бояд дар ҳама ҳолат сарҷамъу муттаҳид, ҳушёру зирак ва барои ҳимояи манфиатҳои милливу давлатии худ омода бошем, истиқлолу озодиро ҳамчун неъмати муқаддастарини ҳаётамон ва ваҳдати миллиро чун дастоварди бузургтарини халқамон эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҳамдиёрони арҷмандро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар тандурустиву хушбахтӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон суботу оромии ҷовидонӣ орзу менамоям.

Рӯзи ваҳдати миллӣ муборак, ҳамватанони азиз!

***www. prezident.tj***

# ФАРМОНИ
# ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармон медиҳам:

1. Аз 1 августи соли 2023:

- пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ (минбаъд - хизматрасониҳои музднок) тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда шавад;

- аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ ба таври нақдӣ қабул намудани пардохти хизматрасониҳои музднок манъ карда шавад.

2. Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ:

- инфрасохтори заруриро барои қабули пардохтҳои ғайринақдии худ то 1 августи соли 2023 таҳия, ташкил ва таъмин намоянд;

- ҳамгироии инфрасохтори қабули пардохтҳои ғайринақдии худро ҷиҳати қабули хизматрасониҳои музднок то 1 августи соли 2023 таъмин намоянд;

- бо мақсади ҳавасмандгардонии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои анҷом додани хизматрасониҳои ғайринақдӣ, оид ба ҷорӣ намудани меъёри ягонаи пардохти ҳаққи хизматрасониҳои ғайринақдӣ ва тартиби пардохти он чораҷӯӣ намоянд;

- якҷо бо Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти иттилоотии пардохтҳои ғайринақдӣ чораҷӯӣ намоянд.

3. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатие, ки хизматрасониҳои музднокро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, бо тартиби муқарраршуда якҷо бо операторони шабакаи алоқаи барқӣ пайвастшавии бефосила ба шабакаи интернет ва суръати зарурии он, инчунин фаъолияти муназзам (доимӣ)-и воситаҳои электронии пардохтиро таъмин намоянд.

4. Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатие, ки хизматрасониҳои музднокро ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳиро бо истифода аз тамоми воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, мунтазам амалӣ намоянд.

5. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои адлия, молия, Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то 31 декабри соли 2023 ҷиҳати фаъол намудани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ чораҷӯӣ намоянд.

6. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои худро то 1 сентябри соли 2023 ба фармони мазкур мутобиқ намояд.

7. Бонки миллии Тоҷикистон, вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ ҳар семоҳа оид ба рафти иҷрои фармони мазкур ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Эмомалӣ Раҳмон

ш. Душанбе
22 июни соли 2023
№586

# Шарҳи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ”




**Тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” (аз 22 июни соли 2023, №586) аз 1 августи соли 2023 пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ барои додани иҷозат ва иҷозатномаҳо, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо, маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасониҳои тиббӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, намудҳои дигари хизматрасониҳои давлатӣ, инчунин қабули маблағҳо аз ҷониби вазорату идораҳо ва ташкилотҳои давлатӣ (минбаъд - хизматрасониҳои музднок) тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешаванд. Дар асоси Фармони мазкур ба таври нақдӣ қабул намудани пардохти тамоми намуди хизматрасониҳои музднок аз ҷониби вазорату идораҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ манъ карда мешавад.**

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло вобаста ба шарҳи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” дар назди воситаҳои ахбори омма баромад намуда, чунин иброз дошт:

- Ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” аз иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои вазифаҳои дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (23.12.2022) ва Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 январи соли 2023, таҳти №321 маншаъ мегирад.

Маврид ба зикр аст, ки иқдоми мазкур саривақтӣ буда, пеш аз ҳама барои таъмини шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, пешгирии омилҳои коррупсионӣ ва коҳиш додани таъсири омилҳои инсонӣ заминаи мустаҳкам гузошта, барои баланд бардоштани рейтинги байналмилалии кишвар ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Гузариш ба низоми пардохтҳои ғайринақдӣ талаботи аҳолиро ба пули нақд коҳиш дода, навбатпоиро дар назди банкоматҳо ва хазинаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ барои гирифтани пули нақд аз байн мебарад ва боиси сарфаи вақту хароҷоти иловагии аҳолӣ мегардад.

Ғайринақдӣ гардонидани раванди пардохтҳо аҳаммияти муҳими иқтисодӣ дошта, истифодаи воситаҳои пардохти ғайринақдӣ ҳангоми анҷом додани пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ин равандро осон ва қулай мегардонад.

То ба тасвиб расидани Фармони мазкур аз ҷониби низоми бонкии кишвар як қатор тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, барои татбиқи самараноки он заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла, бо қабул шудани қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 ноябри соли 2018, №565 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ташкилотҳои қарзии молиявӣ якҷо бо вазорату идораҳо, корхонаю муассисаҳои давлатӣ имкони пардохт намудани як қатор хизматрасониҳои давлатиро таъмин намудаанд.

Бо мақсади рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосири молиявии рақамиро, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути POS – терминал ва QR-рамзро татбиқ намуда истодаанд.

Ҳамин тавр, ба санаи 31 майи соли 2023 аз ҷониби низоми бонкӣ дар маҷмуъ зиёда аз 5,7 млн. кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шуданд, ки шумораи онҳо нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 43 фоиз зиёд мебошад. Инчунин, дар 5 моҳи соли 2023 теъдоди умумии ҳамёнҳои электронӣ ба 7,8 млн. адад баробар гардида, дар муқоиса ба ҳамин санаи соли 2022 66 фоиз афзоиш ёфт.

Барои хизматрасонии дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ инфрасохтори қабули пардохтҳои ғайринақдии молу хизматрасониҳо дар нуқтаҳои савдою хизматрасонӣ 4 152 адад POS - терминал ва 19 708 адад QR–рамз ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 шумораи POS - терминалҳо ба андозаи 9,2 фоиз ва QR–рамзҳо ба андозаи 34,5 фоиз зиёд мебошанд.

> **Бо мақсади рушди пардохтҳои ғайринақдӣ ташкилотҳои қарзии молиявии ватанӣ технологияҳои муосири молиявии рақамиро, аз қабили кортҳои пардохтии бонкӣ, ҳамёнҳои электронӣ, бонкдории мобилӣ, Интернет-бонкинг, пардохтҳо тавассути POS – терминал ва QR-рамзро татбиқ намуда истодаанд.**

Айни замон, ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва ҳамёнҳои электронӣ 17,0 фоизро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 6,3 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Таҳлили вазъи низоми бонкӣ нишон медиҳад, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ тамоми инфрасохтори барномавию техникии заруриро барои татбиқи босамари Фармон дар ихтиёр дошта, дар сурати тақвият бахшидани ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои давлатӣ омода ҳастанд қабули пардохти ғайринақдии хизматрасониҳои давлатиро тавассути замимабарномаҳои мобилӣ ва шабакаи терминалӣ ба роҳ монанд.

Мавҷуд набудани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ ва заиф будани инфрасохтори зарурӣ дар вазорату идораҳои давлатӣ мушкилии асосие мебошад, ки айни замон дар соҳа ҷой дорад. Ҳол он ки ин муаммоҳо дар давлатҳои ҳамсоя солҳои қаблӣ ҳалли худро ёфтаанд.

Тибқи банди 5 Фармон чораҷӯӣ намудани ниҳодҳои дахлдори давлатӣ ҷиҳати фаъол гардонидани портали ягонаи пардохти хизматрасониҳои давлатӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Пеш аз ҳама дар Фармон ишора гардидааст, ки то 31 декабри соли 2023 портали ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ фаъол гардонида шавад ва мо боварӣ дорем, ки то муҳлати ишорашуда ин инфрасохтори муҳимме, ки шаффофияти амалиётҳои пардохти хизматрасонии давлатиро таъмин менамояд, аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомотҳои маъсул сомон дода мешавад.

Бинобар ин, вазорату идораҳое, ки хизматрасониҳои давлатиро ба шахсони ҳуқуқию воқеӣ анҷом медиҳанд, муаззаф гардидаанд, ки якҷо бо низоми бонкии кишвар ҷиҳати дар амал татбиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” тамоми чораҳои заруриро андешанд.

Моро зарур аст, ки дар доираи супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №321 аз 9 январи соли 2023 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 22 июни соли 2023 ба имзо расид, нисбати ҳар як бандҳои он чораҳои таъхирнопазиру зарурӣ андешем.




# Озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон” дар сатҳи олӣ ҷамъбаст гардид

**Бо мақсади таъмини иҷрои саривақтии банди 6 Протоколи №1к/22-1 ҷаласаи XXII Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, аз 16 марти соли 2022, Бонки миллии Тоҷикистон барои дарёфти ҷоизаи “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон” озмун эълон кард. Қобили тазаккур аст, ки зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолии кишвар ба масъалаи татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва муҳайё сохтани шароити мусоид барои рушди соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории бонувон, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.**

Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон тасмим гирифт, ки барои дастгирии соҳибкории бонувон дар байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ озмун гузаронад. Барои дар сатҳи зарурӣ ташкил ва баргузор намудани озмуни мазкур Бонки миллии Тоҷикистон бо як мурочиати худ аз ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳоду таклифҳоро ҷамъоварӣ намуд. Бо назардошти таклифу пешниҳодҳо аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тартиби гузаронидани озмуни мазкур таҳия гардида, ҳайати кумитаи тадорукот бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 9 феврали соли 2023, №26/фф тасдиқ гардид.

Бояд қайд кард, ки барои дуруст ба роҳ мондани раванди ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти дахлдор ҷаласаҳои кумитаи тадорукоти озмун гузаронида шуда, нақшаи чорабиниҳо оид ба ҷамъбасти натиҷаи озмуни «Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид



ба хизматрасонии соҳибкории бонувон» таҳия ва аз ҷониби раиси кумитаи тадорукот тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади таъмини шаффофият ва ба таври воқеӣ арзёбӣ намудани натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти хизматрасонии бонкӣ ба бонувони соҳибкор




аъзои ҳакамони озмун дар ҳайати 11 нафар, аз ҷумла раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳ. Ҳ. - раиси ҳакамон, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Г. Н. - муовини раиси ҳакамон, инчунин ҳайати ҳакамон бо ҷалби раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбари котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ ва роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллӣ таъсис дода шуд.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ оид ба натиҷаи фаъолияти худ дар соли 2022 аз рӯйи номинаи додани қарз/маблағгузорӣ, ҷалби пасандоз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ ва додани кафолати бонкӣ маълумоти заруриро пешниҳод намуданд, ки ҳамаи ин маълумот аз рӯйи ҳар як нишондиҳанда аз ҷониби ҳайати ҳакамон ба таври воқеъбинона арзёбӣ карда шуд.



Барои ҷамъбасти маълумот ва арзёбии натиҷаҳо аз рӯйи **номинаи қарзҳои додашуда/маблағгузорӣ**, меъёрҳои зерин: ҳисса аз теъдоди умумии қарзҳои додашуда, ҳисса аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда, меъёри фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда, шумораи соҳаҳои бо қарз таъминшуда, ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар низом ва теъдоди умумии қарзҳои додашуда ба бонувони соҳибкор дар давоми соли 2022 ба инобат гирифта шуданд.

Дар **номинаи ҷалби пасандозҳои муҳлатнок** бошад, ҳисса аз ҳаҷми умумии сандуқи пасандозӣ, ҳисса аз ҳаҷми умумии пасандозҳои ҷалбшуда, меъёри фоизи миёнавазни пасандозҳои ҷалбшуда, ҳисса аз ҳаҷми умумии пасандозҳои ҷалбшуда дар низом ва теъдоди умумии пасандозҳои ҷалбшуда, ки аз ҷониби бонувони соҳибкор пешниҳод гардидаанд, ба назар гирифта шуданд.

Дар н**оминаи кушодан ва пешбурди суратҳисоби бонкӣ** ҳисса дар шумораи суратҳисобҳои кушодашуда, ҳисса дар шумораи умумии амалиётҳо тавассути POS-терминалҳо, дар ҳаҷми умумии амалиётҳо тавассути POS - терминалҳо, дар шумораи умумии амалиётҳо тавассути QR-рамзҳо ва ҳисса дар ҳаҷми умумии амалиётҳо тавассути QR-рамзҳо, ки бонувони соҳибкор ба анҷом расонидаанд, ба назар гирифта шуданд.

Дар **номинаи додани кафолати бонкӣ** бошад, ҳисса аз ҳаҷми умумии кафолати додашуда, ҳисса аз теъдоди умумии кафолати додашуда ва меъёри фоизи миёнавазни кафолати додашуда ба бонувони соҳибкор ба инобат гирифта шуданд.

Дар ҷамъбасти озмун роҳбарият ва кормандони Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон, ҳайати ҳакамон, кумитаи тадорукот, намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ ва воситаҳои ахбори омма ширкат варзиданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло чорабиниро ҳусни оғоз









бахшида, қайд кард, ки озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон” дар робита ба муқаррароти Протоколи ҷаласаи XXII Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, бо мақсади афзоиши дастрасии соҳибкории бонувон ба захираҳои молиявии арзон ва дар маҷмуъ баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии молиявӣ, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон роҳандозӣ гардид.

Инчунин, қайд карда шуд, ки соли 2022 ба зиёда аз 600 ҳазор нафар занону бонувон аз ҷониби муассисаҳои бонкӣ ба маблағи беш аз 3 миллиарду 400 миллион сомонӣ қарз дода шудааст, ки нисбат ба соли 2018 2,4 баробар зиёд мебошад. Умуман, дар панҷ соли охир маблағи қарзи ба занону бонувон пешниҳодшуда 12,1 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Рақамҳои зикршуда гувоҳи равшани фаъол будани занону бонувони соҳибкори мамлакат мебошад.

Мақсади асосии ташкил ва баргузор намудани озмуни мазкур ташвиқ ва тарғиби хизматрасонии молиявӣ дар байни аҳолӣ, махсусан занҳои соҳибкор, афзун намудани дастрасии хизматрасонии бонкӣ ба онҳо, инчунин ҳавасмандгардонии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ин самт мебошад.

Сипас, аз рӯйи ҷамъбасти натиҷаҳои озмуни

"Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон" ба ғолибони чорабинӣ дар вазъияти тантанавӣ диплом ва тухфаҳои хотиравӣ супорида шуданд.

Аз ҷумла, дар номинаи пешниҳоди қарз/маблағгузорӣ ҷойи 1-ум ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Аввалин бонки молиявии хурд", ҷойи 2-юм ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Азизӣ-молия" сазовори ҷойи 3-юм шуданд.

Аз рӯйи номинаи кушодан ва пешбурди суратҳисоби бонкӣ ҷойи 1-умро Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Алиф Бонк", ҷойи 2-юмро Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк"



2-юм ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Бонки Арванд" ва ҷойи 3-юм ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Коммерсбонки Тоҷикистон" дода шуд.

Аз рӯйи ҷамъбасти натиҷаи озмун дар номинаи ҷалби пасандоз Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Ҳумо" сазовори ҷойи 1-ум, Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки саноатию содиротии Тоҷикистон "Саноатсодиротбонк" сазовори ва ҷойи 3-юмро Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Бонки байналмилалии Тоҷикистон" соҳиб гаштанд.

Аз рӯйи номинаи додани кафолати бонкӣ ҷойи 1-ум ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи "Спитамен Бонк", ҷойи 2-юм ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Бонки Эсхата" ва ҷойи 3-юм ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи "Ориёнбонк" сазовор дониста шуд.









Барои саҳмгузорӣ дар рушди низоми бонкӣ ва иштироки фаъолона дар озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон” Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Имон интернешнл”, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Фуруз”, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Финка” ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Халиқ Бонк Тоҷикистон” бо Ифтихорномаи Бонки миллии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуданд.

Ҳамзамон барои иштироки фаъолона дар озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон”




Ҷамъияти саҳомии кушодаи “Тавҳидбонк”, Филиали бонки “Тиҷорат”-и Ҷумҳурии исломии Эрон дар шаҳри Душанбе, Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди “Ташкилоти амонатии қарзии хурди “МАТИН”, Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи “Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Ардо-Капитал”, Фонди қарзии хурди “Имон” ва Фонди қарзии хурди “РУШДИ ВОДИИ ЗАРАФШОН” бо Сипосномаи Бонки миллии Тоҷикистон қадрдонӣ  карда шуданд.

Ҷоизаҳо ба ғолибон аз ҷониби раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло, раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Қурбонзода Ҳилолбӣ Ҷумъахон, муовини якуми раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Мирзо, роҳбари котиботи Шурои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ Фарҳод Абдураҳмонов, муовини якуми раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс Назримад, муовинони раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир, Салимзода Алиҷон Абдуҷалол ва роҳбарони воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон супорида шуданд.

Дар хотима раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло ба иштирокдорони чорабинӣ барои саҳми назаррас дар пешрафти иқтисодиёт ва рушди бомароми бахши бонкӣ ва молиявии кишвар миннатдорӣ изҳор карда, ба фаъолияти минбаъдаи онҳо барору



















комёбӣ таманно намуд. Мавсуф изҳор дошт, ки дар сатҳи баланд баргузор намудани озмуни “Ташкилоти қарзии молиявии беҳтарин оид ба хизматрасонии соҳибкории бонувон” афзун намудани дастрасии хизматрасониҳои молиявӣ, рушди минбаъдаи соҳибкории бонувон ва ҷалби бештари занону духтарон ба низоми бонкию молиявӣ мусоидат хоҳад кард. Инчунин қайд карда шуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо дигар вазорату идораҳо барои зиёд намудани дастрасии бонувони соҳибкор ба захираҳои молиявии арзон мунтазам тадбирҳо меандешад.

Пажуҳишгоҳи
илмӣ-тадқиқотии БМТ

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР



# АХБОРИ БОНКӢ

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР



# Ҳамкориҳои байнибонкии Тоҷикистону Туркманистон рушд меёбанд

10 май, зимни сафари давлатии ҳайати воломақоми Ҷумҳурии Туркманистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳузури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Туркманистон муҳтарам Сердар Бердимухаммедов бастаи санадҳои нави ҳамкориҳо ба имзо расиданд, ки барои рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди ду кишвар мусоидат мекунанд. Аз ҷумла, баъд аз музокироти сатҳи олӣ санадҳои наве дар бахши ҳамкориҳои байнибонкӣ ба имзо расиданд. Ҷонибҳо Ёддошти тафоҳум байни Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва Хадамоти мониторинги молиявии назди Вазорати молия ва



иқтисоди Туркманистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва Ёддошти тафоҳум байни Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки марказии Туркманистонро имзо намуданд. Мавриди зикр аст, ки имзои ин санадҳои нав ҳамкориҳои байнибонкии Тоҷикистон ва Туркманистонро густариш медиҳад.

***www.president.tj***

НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР

## ТАШРИФИ ҲАЙАТИ НАВИ ХБА БА БМТ

11 майи соли 2023 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло бо ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии ҷаноби Мэтю Гартнер, ки дар доираи баррасии фишанги ҳамоҳангсозии сиёсат (Policy Consultation Instrument-PCI) бо сафари корӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф овардаанд, мулоқот намуд.

Ҷаноби Мэтю Гартнер-ро дар ин сафар сарикқтисодчиёни ХБА Фарид Талишли, Калин Тинтчев, Дмитрий Плотников, Сергей Додзин ва иқтисодчиёни фонди мазкур Кади Синтия Кейта, Наиля Менлашева ва Ҷомӣ Чиниев ҳамроҳӣ намуданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ҳайати ХБА-ро бо вазъи феълии макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми бонкӣ шинос кард. Аз ҷумла, мавсуф қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар се моҳи аввали соли 2023 хуб ҷамъбаст гардиданд.

Роҳбари ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Мэтю Гартнер дар навбати худ иброз дошт, ки барои ноил шудан ба мақсади гузошташуда, омода аст бо масъулини Бонки миллии Тоҷикистон музокиротро идома диҳад.







## НАВИД • РӮЙДОД • АХБОР

Ҷонибҳо дар ҷараёни суҳбат дурнамои иқтисодӣ ва тадбирҳои андешидаи Бонки миллии Тоҷикистон, захираҳои байналмилалӣ ва таъсири он ба амалиёти сиёсати пулию қарзӣ ва тавозуни пардохт, тағйирот дар бозори асъор, таваррум, интиқоли маблағҳо ва иҷрои тавсияҳои ҳайати ХБА оид ба танзими асъор ҷиҳати беҳтар намудани фаъолияти бозорҳои асъорро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Ҳамчунин қайд карда шуд, ки PCI фишанги ғайримолиявӣ буда, имкониятҳои он барои ҳамаи аъзои ХБА дастрас мебошанд ва дар доираи он ба кишварҳои аъзо кумаки машваратӣ пешниҳод карда мешавад. Илова бар ин, ширкат дар фишанги зикршуда имкон медиҳад, ки ҳамчун замина барои баргузор намудани гуфтушунид бо ХБА истифода бурда шавад.

Барномаи мазкур ҷиҳати беҳтар сохтани фазои сармоягузории муҳим ба шумор рафта, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар барнома ба баланд бардоштани ҷолибнокии иқтисоди кишвар барои сармоягузорон мусоидат хоҳад кард.

Вохӯрии аввалин бо ҳайати нави ХБА оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳусни тафоҳум баргузор гардида, ҷонибҳо барои идома додани ҳамкориҳои судманд омодагии хешро баён намуданд.



### МУЛОҚОТИ ГУЛБАҲОР НАЗИРӢ БО ҲАЙАТИ ДАФТАРИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ШВЕЙТСАРИЯ

7 июни соли 2023 муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир бо ҳайати Дафтари ҳамкориҳои иқтисодии Швейтсария (SECO) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини сардори раёсати рушди бахши хусусӣ ҷаноби Кристиан Брендли, роҳбари барномаи SECO дар Осиёи Марказӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Шанин Валтс ва корманди асосии барномаи рушди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Малика Иброҳимова мулоқоти корӣ анҷом дод.

Зимни вохӯрӣ як қатор масъалаҳои муҳимми ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон ва Дафтари ҳамкориҳои иқтисодии Швейтсария (SECO) мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуд.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ ба Дафтари ҳамкориҳои иқтисодии Швейтсария (SECO) барои ҳамкориҳои бисёрсола ва самарабахш арзи сипос намуда, қайд кард, ки таҷрибаи ҳамкориҳои бисёрсола ва дастгирии кумаки техникии Дафтари ҳамкориҳои иқтисодии Швейтсария (SECO) ба Бонки миллии Тоҷикистон имкон дод, ки дар бахши молиявии мамлакат як қатор ислоҳоти муҳимро ҷорӣ намояд.

Ҳамзамон, дар доираи лоиҳаҳои SECO дар баробари дастгирии лоиҳаҳои зиддибуҳронӣ, Бонки миллии Тоҷикистон якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии бонкӣ дар самти сиёсати макропруденсиалӣ, танзим ва назорати бонкӣ, идоракунии корпоративӣ ва идоракунии хавфи қарзиро таҳия ва татбиқ намуд, ки ба пешравиҳои назаррас ноил гардид. Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2022-2026 ва қабули он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, намунаи барҷастаи ин ҳамкориҳо маҳсуб меёбад.

Сипас, Гулбаҳор Назирӣ меҳмононро мухтасар бо вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкии мамлакат шинос намуда, қайд кард, ки новобаста аз вазъи мураккаби геосиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳон дар моҳҳои январ-апрели соли ҷорӣ тамоюли пастша-



вии сатҳи таваррум идома дошта, 2,3 фоиз ва таваррумиi солона (дар 12 моҳи охир) дар моҳи апрели соли 2023 3,4 фоизро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли гузашта 3,9 банди фоизӣ камтар аст. Афзоиши воқеии ММД бошад, дар ин давра ба 8,0 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,5 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Ҳамзамон гуфта шуд, ки ба ҳолати 30 апрели соли 2023 дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ 64 адад ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 14 адад бонки анъанавӣ, 1 адад бонки исломӣ, 1 адад ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ, 19 адад ташкилоти амонатии қарзии хурд, 3 адад ташкилоти қарзии хурд ва 26 адад фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд, ки дороиҳои онҳо ба ҳолати 30 апрели соли 2023 нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 26.1 фоиз зиёд шуда, бақияи умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ 19,3 фоиз зиёд шуд. Ҳаҷми амонатҳо бошад, маблағи 16 265,2 млн. сомониро ташкил намуда, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба 4 770,0 млн. сомонӣ ё 41,5 фоиз афзоиш ёфт.

“Дар маҷмуъ, нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва низоми бонкӣ дар моҳҳои январ-апрели соли 2023 дар сатҳи рушди устувор қарор доранд”, - қайд кард Гулбаҳор Назирӣ.

Муовини сардори раёсати рушди бахши хусусӣ ҷаноби Кристиан Брендли дар навбати худ аз сатҳу сифати ҳамкории тарафайн изҳори қаноатмандӣ намуда, пешравиҳои назарраси Бонки миллии Тоҷикистонро дар самти таҳкими устувории бахши молиявӣ ва барқарор кардани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ хуш истиқбол намуд.

Инчунин, мавсуф қабули Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026-ро қадами устувор дар рушди бахши молиявии кишвар ҳисобида, иброз дошт, ки барои дар амал татбиқ намудани чаҳор самти асосӣ, аз ҷумла шабакаҳои таҳвил ва хизматрасонии молиявии рақамӣ, гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва саводнокии молиявӣ ҳамкориҳо вусъат дода хоҳанд шуд.

Дар фарҷом Гулбаҳор Назирӣ бори дигар ба Дафтари ҳамкориҳои иқтисодии Швейтсария (SECO) ҷиҳати дастгирии пайвастаи бахши молиявии мамлакат арзи сипос намуда, қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон омода аст ҳамкориҳои дуҷонибаи самарабахшро оид ба татбиқи минбаъдаи сиёсати ислоҳоти бахши низоми бонкӣ идома диҳад.

## ҶАЛАСАИ ҲАШТУМИ ШУРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН





29 майи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон ҷаласаи ҳаштуми Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуро) таҳти роҳбарии раиси Шуро – Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Завқизода Завқӣ Амин бо иштироки роҳбарони Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва дигар аъзои Шуро баргузор гардид.

Дар оғози чорабинӣ мутобиқи рӯзномаи ҷаласа рафти иҷрои қарорҳои қабулгардидаи ҷаласаи ҳафтуми Шуро муҳокима гардида, гузориши масъулин оид ба андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати баланд бардоштани рейтинги кредитии соҳибихтиёрии кишвар бахри зиёд намудани ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, бо истифода аз усулҳои муосир ва истифодаи технологияи нави иттилоотӣ баланд бардоштани сатҳи касбии мухоҷирон ва мутобиқ намудани онҳо ба бозорҳои меҳнат, инчунин роҳандозии фишангҳои сиёсати монетарӣ ва дигар механизмҳо барои коҳиш додани хавфҳои тавуррумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Раиси Шуро Завқизода З. А. қайд намуд, ки ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон андешидани чораҳои саривақтӣ дар доираи Нақшаи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ новобаста ба таъсири омилҳои берунӣ, бахусус вазъи иқтисоди глобалӣ, устувории макроиқтисодӣ ва суботи молиявӣ дар ҷумҳурӣ таъмин гардиданд. Дар натиҷа нишондиҳандаҳои калидии иқтисодӣ, аз ҷумла рушди воқеии ММД дар чор моҳи соли 2023 8 фоиз, сатҳи таваррум 2,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба дигар кишварҳои минтақа пасттар ҷамъбаст гардид. Дар чунин фазои мусоид фаъолияти бемамонияти низоми бонкӣ нигоҳ дошта шуда, қурби пули миллӣ муътадил арзёбӣ гардид.

Дар рафти ҷаласа аъзои Шуро бо пешниҳоди

рӯнамоҳо марбут ба рушди ҳисоббаркуниҳои ғайринақдӣ, мутобиқ намудани баҳисобгирии молиявӣ дар корхонаҳои давлатӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва рушди бозори ипотека баромад намуданд.

Дар ҷараёни пешниҳоди рӯнамоҳо қайд карда шуд, ки вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ, ҳамчунин беҳтар намудани ҳисоботҳои



молиявии корхонаҳои давлатӣ, омӯзиши таҷрибаи ҷаҳонии бозори ипотека ва имкониятҳои татбиқи он ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд бардоштани вазъи иҷтимоии аҳолӣ мусоидат хоҳад кард.

Бахусус таъкид гардид, ки дар солҳои охир шумораи ҳамёнҳои электронӣ қариб 2 маротиба афзоиш ёфта, ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ тавассути воситаҳои электронии пардохтӣ анҷомдодашуда аз 4,9 фоизи соли 2018 то 12,0 фоиз дар соли 2022 расонида шуд.

Дар робита ба мавзуи дигар, рӯнамо оид ба мушкилот, монеаҳо ва нақшаҳои минбаъда дар самти пурра ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии молиявӣ ва мутобиқ намудани ҳисоботҳои молиявии корхонаҳои давлатӣ ба таҷрибаи ҷаҳонӣ манзур гардид.

Ҳамзамон дар доираи ҷаласаи Шуро рӯнамо вобаста ба мушкилиҳо ва роҳҳои таъмини рушди бозори ипотека дар ҷумҳурӣ, бахусус ҷиҳати дуруст баҳогузории хавфҳои эҳтимолӣ дар бозори ипотека, пурзӯр намудани танзими фаъолияти бозори ғайриманқул, ба роҳ мондани мониторинг ва омори расмии нархи амволи ғайриманқул аз рӯи минтақаҳо аз ҷониби масъулин пешниҳод гардид.

Дар қисмати ҷамъбастии ҷорабинӣ аз ҷониби Шуро вобаста ба таъсис додани махзани ягонаи маълумот доир ба суратҳисоби ҳамаи сохтору мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ ва ташкили равзанаи ягонаи пардохти тамоми хизматрасониҳои давлатӣ, коҳиш додани хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ, рушди бозори аввалияи ипотека қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Ҳамзамон, аъзои Шуро дар ҳамоҳангӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати то ба охир пайгирӣ намудани масъалаҳои вогузоршуда ва иҷрои бетаъхир ва сифатноки қарорҳои қаблан қабулшуда вазифадор карда шуданд.

Бояд қайд намуд, ки Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми байниидоравии доимоамалкунандаи машваратӣ буда, бо мақсади баррасии масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, муайян намудани хавфҳо ва минбаъд андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати коҳиш додани хавфҳо дар иқтисодиёт, низоми молияи давлатӣ, бонкӣ ва бахши хусусӣ (бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №331) таъсис дода шудааст.

***www. nbt.tj***

# SPRING MEETINGS

## 2023 | WASHINGTON DC

WORLD BANK GROUP
INTERNATIONAL MONETARY FUND



SPRING MEETINGS
2023 | WASHINGTON DC
WORLD BANK GROUP
INTERNATIONAL MONETARY FUND




# Иштироки Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло дар ҷаласаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ

Рӯзҳои 10-16 апрели соли 2023 дар шаҳри Вашингтони ИМА ҷаласаҳои баҳории Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ таҳти унвони "Бозсозии инкишоф" доир гашт, ки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҳамоиши мазкур Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Неъматулло Ҳикматуллозода роҳбарӣ кард. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷаласаҳои баҳории "Spring meetings-2023" **раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким Ҳикматулло муаррифӣ намуда, дар рафти як қатор мулоқоту музокирот бо шарикони ҳамкор – роҳбарони ниҳодҳои бонуфузи байналмилалӣ масоили дурнамои ҳамкорӣ ва рушди низоми бонкиро мавриди баррасӣ қарор дод.**

Аз ҷумла, дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳорӣ **11 апрели соли 2023 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бо раиси Бонки миллии Швейтсария ҷаноби Томас Йордан мулоқот анҷом дода, аз сатҳи ҳамкориҳои густурда ва ҷалби кӯмакҳои техникӣ истиқбол кард.** Зимни мулоқот бо ҷаноби Томас Йордан имкони саҳмдорӣ дар низоми бонкии кишвар ва кушодани намояндагиҳои бонкҳои Швейтсария дар Тоҷикистон, андешидани тадбирҳо ҷиҳати пешгирии хавфҳои эҳтимолӣ, барқарор кардани равобити мустақими муросилотӣ бо бонкҳои аврупоӣ, омӯхтани таҷрибаи пешқадами бонкӣ аз ин ниҳоди бонуфуз мавриди муҳокима қарор гирифт.

**Худи ҳамон рӯз, 11 апрели соли 2023 дар ҳошияи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муовини директори иҷроияи ХБА ҷаноби Бо Ли мулоқот анҷом дод.**

Зимни мулоқоти ҳайати







Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Хазинаи байналмилалии асъор раиси Бонки миллии Тоҷикистон Холиқзода Ҳоким барои ҳамкориҳои судманди пурсамар ва тавсияҳои доимии ХБА дар самти пешбурди сиёсати пулию қарзӣ ва суботи молиявӣ изҳори сипос намуд. Дар рафти музокирот таваҷҷуҳи махсус ба оғози чораёни гуфтушунидҳо дар атрофи барномаи нави ХБА барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муҳим арзёбӣ мегардад, ҷалб карда шуд. Зикр гардид, ки дастгири барномаи нав барои нигаҳдории суботи макроиқтисодӣ, дастгирии буҷет, инчунин таъмини хизматрасонии қарзи беруна равона хоҳад шуд.

"Мо дар таҳкими устувории бахши молиявӣ ва барқарор кардани эътимод ба бахши бонкӣ ба пешравиҳои назаррас ноил шудем. Ислоҳоти ҷорӣ, ки ҳадафи он таъмини шаффофияти ҳисоботи молиявӣ, пурзӯр намудани талабот ба сармоя, беҳтар кардани идоракунии хавфи қарзӣ ва ҷорӣ намудани идоракунии корпоративӣ мебошад, имкон дод, ки низоми бонкӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардад", - изҳор намуд Ҳ.Холиқзода дар рафти машварати электорат.

Ҷаноби Бо Ли дар робита ба масоили дар раванди мулоқот муҳокимашуда таваҷҷуҳ зоҳир намуда, изҳор дошт, ки роҳбарияти ХБА масъалаи оғоз намудани гуфтушунидро оид ба Барномаи нави ХБА дар дафтари асосӣ баррасӣ хоҳад кард.

**Ҳамзамон, дар доираи сафари кории ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ИМА мулоқоти намояндагони кишвар бо директори Департаменти кишварҳои Шарқи наздик ва Осиёи Марказии ХБА ҷаноби Ҷиҳод Азур доир гардид.**

Зимни муаррифии низоми бонкии мамлакат раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода ба Хазинаи Байналмилалии Асъор барои ба роҳ мондани ҳамкории доимии судманд дар самти ислоҳоти иқтисодӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла низоми бонкӣ изҳори сипос намуд ва изҳор дошт, ки маҳз вокуниши саривақтии ХБА ба кишварҳои аъзо ҷиҳати устуворӣ ва мутобиқатӣ ба таъсири омилҳои беруна кумак мерасонад.

Зикр карда шуд, ки бо мақсади татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ Бонки миллии Тоҷикистон истифодаи фишангҳоеро идома медиҳад, ки таъсири омилҳои монетариро ба болоравии сатҳи нархҳо маҳдуд месозад. Дар ин замина, ба роҳ мондани ку-

маки техникии ХБА дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар шароити гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум, дастгирии техникӣ барои рушди бахши суғурта, ҷалби мушовирони дарозмуддат дар бахши суботи молиявӣ, таҳкими минбаъдаи механизмҳои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла муайян, идора ва кам кардани таъсири хавфҳои молиявӣ, гузаронидани стресс-тестҳои фаъолияти бонкҳо ва низоми назорати бонкӣ дар доираи стандартҳои Базел муҳим дониста шуд.

Дар ҷараёни мулоқот директори Департаменти кишварҳои Шарқи наздик ва Осиёи Марказии ХБА ҷаноби Ҷиҳод Азур омодагии хешро ба муколамаи озод ва ҳамкории судманди оянддор баён намуда, аз комёбиву пешравиҳое, ки имрӯз Тоҷикистон ва махсусан Бонки миллии Тоҷикистон дар натиҷаи амалӣ намудани як қатор тадбирҳо ва пиёда кардани ислоҳот ноил гаштааст, изҳори қаноатмандӣ намуд.

**Дар доираи баргузории ҷаласаҳои баҳорӣ рӯзи 13 апрели соли 2023 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода бо директори хазинадории Бонки Ҷаҳонӣ хонум Тереза Кече ва менеҷери барномаи “Шарикии машваратӣ ва идоракунии захираҳо”-и Бонки Ҷаҳонӣ ҷаноби Ҷорҷ Бентли мулоқот доир намуд.**

Дар рафти мулоқот ҷонибҳо аз сатҳи ҳамкориҳои тарафайну судманд ва татбиқи кӯмаки техникӣ дар доираи барномаи “Шарикии машваратӣ ва идоранамоии захираҳо”-и Бонки





Ҷаҳонӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, ҷониби Бонки миллӣ ҷиҳати тақвият додани ҳамкорӣ дар самти идоракунии самараноки захираҳои байналмилалӣ бо назардошти вазъи бозори молиявӣ, такмил додани тахассусияти кормандони Бонки миллӣ дар доираи барномаҳои омӯзишӣ ва семинарҳо изҳори ҳавасмандӣ намуд.

**Рӯзи 13 апрели соли 2023 ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон** дар маҷлиси машваратии мамлакатҳои электорати ҷаласаҳои баҳории ХБА ва БҶ ширкат намуд.

Зимни маҷлиси машваратии мамлакатҳои электорат, ки бо иштироки васеи намояндагони низоми молиявию бонкии як қатор кишварҳои ҷаҳон баргузор гардид, бештар масъалаҳои ноустувории молиявӣ дар ҷаҳон, вазъи нооромии геосиёсӣ дар минтақа, болоравии сатҳи таваррум ва чораҳои пешгирикунандаи роҳандозишуда, пешбурди сиёсати пулию қарзӣ ва пар-




дохтпазирии бонкҳо, бӯҳрони энергетикӣ, инчунин дигар масоили муҳимми аҳамияти ҷаҳонидошта мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар рафти суханронӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳоким Холиқзода саҳми ХБА ва БҶ-ро дар рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар назаррас арзёбӣ карда, баргузории маҷлиси машваратиро аз лиҳози муколамаи бисёрҷониба дар давраи афзоиши номуайяниҳои иқтисодӣ дар минтақа муҳим ва саривақтӣ хонд.

Зимни машварат аз тадбирҳои Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати пешгирӣ кардани пайомадҳои манфӣ ва коҳиш додани хавфҳо бо мақсади ноил гаштан ба устувории нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва тақвияти эътимоди аҳолӣ таъкид карда шуд. Дигар аз тадбирҳои низоми бонкӣ татбиқи ислоҳот дар низоми бонкӣ, аз қабили таъмини шаффофияти ҳисоботдиҳии молиявӣ, беҳтарсозии идоракунии хавфҳои қарзӣ, ҷорӣ намудани идоракунии корпоративӣ дар бонкҳои давлатӣ ва амалӣ намудани бонкдории исломӣ дар низоми молиявӣ маҳсуб меёбад, ки аз ин нуктаҳо зимни мулоқот махсусан қайд гардид.



Ҷониби Тоҷикистон яке аз самтҳои асосии рушди устувории иқтисодиро дар роҳи расидан ба ҳадафҳои миллӣ - идома додани ислоҳоти сохторӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар номид, аз ин рӯ таъкид гардид, ки барои роҳандозӣ шудани чунин ислоҳоти сохторӣ ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ тавассути расонидани кумакҳои техникӣ, машваратҳои методӣ нақши калидӣ доранд.

Бо дарназардошти ин, ҳамкории судманди Хазинаи Байналмилалии Асъор бо давлатҳои аъзо тавассути ба роҳ мондани мониторинг, тақвияти малакаи касбӣ ва пешниҳоди қарз барои Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карда шуд.

SPRING MEETINGS
2023 | WASHINGTON DC
WORLD BANK GROUP
INTERNATIONAL MONETARY FUND



**Мулоқоти навбатии ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ноиби Президенти минтақавии Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар Шарқи наздик, кишварҳои Осиёи Марказӣ, Туркия, Афғонистон ва Покистон хонум Ҳела Шейхрухоу баргузор гардид.**

Ҳоким Холиқзода аз ҳамкорӣ бо Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ дар самти ҳамкориҳои техникӣ, машваратӣ, маблағгузорӣ ва ғайра изҳори сипос намуда, барои тақвият додани ҳамкориҳои судманду муфид дар оянда омодагии хешро баён дошт.

Метавон ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистонро бо Корпоратсияи Байналмилалии Молиявӣ тайи солҳои охир хеле самарабахш ва рушдкунанда номид, зеро бо мусоидат ва ҳамкории ин ниҳод дар низоми бонкӣ корҳои зиёде роҳандозӣ гардид, ки қабули Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 муҳимтарини онҳо маҳсуб меёбад.

Дар интиҳои мулоқот ҷонибҳо омодагии хешро барои идомаи ҳамкориҳои судманд дар самти рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва тавсеаи он дар кишвар бо имконоти ҷалби кумакҳои техникӣ баён доштанд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ – Ҳикматуллозода Неъматулло аз 10 то 16 апрели соли 2023 дар ҷаласаҳои солонаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ, ки зери унвони “Бозсозии инкишоф” дар шаҳри Вашингтони ИМА баргузор гардид, иштирок намуданд.

Аъзои ҳайат дар як қатор чорабиниҳои сатҳи баланд, аз ҷумла “Форуми амал барои об”, мизи мудаввар дар мавзуъҳои “Механизми нави маблағгузорӣ дар шароити рух додани офатҳои табиӣ”, “Рушди бозори нерӯи барқ дар минтақаи Осиёи Марказӣ” ва форуми “Амнияти озуқаворӣ”, ки дар ҳошияи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ баргузор гардиданд, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар ин замина ҳайати Тоҷикистон бо роҳбарияти Хазинаи Байналмилалии Асъор ва Бонки Ҷаҳонӣ, аз ҷумла бо Президенти навтаъини Бонки Ҷаҳонӣ ҷаноби Аҷая Банга, ноиби навтаъини Президент оид ба Аврупо ва Осиёи Марказӣ хонум Антонелла Басани, ноиби Президент оид ба амалиётҳои молиявӣ ва ҳамкориҳо бо донорон ҷаноби Акихиро Нишио ва дигар шахсони масъул мулоқоту музокирот анҷом доданд. Ҳамзамон, бо ташаббуси Сафири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ИМА ҳайати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аъзои Палатаи соҳибкорони Тоҷикистону Иёлоти Муттаҳидаи Амрико мулоқот намуда, имкониятҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва сармоягузории ҷонибҳо муаррифӣ ва баррасӣ гардиданд.

***Таҳияи М.Ҳасанова***




# • ТАҲЛИЛ • АНДЕША • ТАДҚИҚОТ




# ТАДҚИҚИ
## ОМИЛҲОИ БА ДАРОМАДНОКИИ САРМОЯ ТАЪСИРРАСОНАНДА

**Вожаҳои асосӣ:** сармоя, даромадноки сармоя, сармояи оинномавӣ, сармояи инсонӣ, фоидаи соф, меъёри фоизи қарз, самаранокии фаъолият.

Ташкилотҳои қарзии молиявӣ пайваста дар ҷустуҷӯи сармоягузорон ва маблағҳои иловагӣ, ҷиҳати васеъ намудани доираи фаъолияташон мебошанд. Дар навбати худ сармоягузорон барои сармоягузорӣ намудан ба як қатор нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзӣ диққат медиҳанд ва яке аз ин нишондиҳандаҳо даромадноки сармоя (ROE) мебошад. Дар навбати худ нигоҳ накарда ба он ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ кушиш ба харҷ медиҳанд, ки нишондиҳандаи мазкурро дар сатҳи баланд қарор диҳанд, аммо он аз як чанд омилҳо вобаста мебошад. Ба даромадноки сармоя як қатор омилҳо бевосита таъсир мерасонанд, ки онҳо дар мақолаи мазкур муфассал оварда шудаанд, аз қабили фоидаи соф, сармояи ташкилоти қарзӣ, меъёри фоизи қарзӣ, уҳдадориҳои ташкилот ва ғ.

155 сол қабл аз ин китоби машҳури Карл Маркс бо номи “Капитал” нашр гардид, ки то имрӯз иқтисоддонон онро яке аз беҳтарин асарҳои иқтисодӣ мешуморанд.

Сармоя то асри 19 ҳамчун як омили истеҳсолот дар қатори меҳнат ва замин ба

ҳисоб мерафт, аммо имрӯз он асоси низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ гашта, муҳаррики рушд ва даргиронандаи мушкилиҳо ба ҳисоб меравад.

Аз назари К. Маркс сармоя ин арзишест, ки пайваста дар гардиш буда, дар ҳолати афзоиш қарор дорад. Намунаи оддии сармоя, ки боиси афзоиши арзиш мегардад, ин гирифтани фоиз аз пасандози бонкӣ мебошад. Яъне, пасандоз ҳамчун як намуди зоҳирии сармоя мебошад, ки дар шакли овардани фоиз он афзоиш меёбад [5].

Яке аз шаклҳои сармоя ин сармояи инсонӣ мебошад. Иқтисоддони амрикоӣ дорандаи ҷоизаи Нобел Гэри Стэнли Беккер дар китоби худ бо номи “Сармояи инсонӣ” нишон дод, ки сармоягузорӣ ба таҳсил, ба саломатӣ, ба баландбардории малакаву тахассус ва ба нигоҳдории муносибатҳои хуб бо кормандон арзиши кормандонро ҳамчун захираи самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ ва рушди иқтисодӣ баланд мебардорад [6]. Яъне, одамон метавонанд сармояашонро на танҳо дар назди таҷҳизоти истеҳсолӣ кор карда зиёд намоянд, балки ҳангоми нишаста китоб хондан ва ё дар толори фитнес тамрин намудан, низ сармояи инсониро афзоиш дода метавонанд. Маҳз дар асоси ин тадқиқотҳо дар илми менеҷмент самти нав бо номи идоракунии захираҳои инсонӣ ( аз забони анг. - human resources ба таври кутоҳ HR) пайдо шуд.

Қаблан дар ташкилотҳо мутахассиси асосӣ дар самти баҳодиҳӣ ва баҳисобгирии сармоя муҳосиб буд, ки дороиҳои моддии “беҷон”-ро ба ҳисоб мегирифт, акнун боз як мутахассиси дигар дар самти баҳодиҳии сармояи “ҷондор” пайдо шуд, ки он HR – менеҷер мебошад.

Шакли дигари сармоя ин сармояи молиявӣ ба ҳисоб меравад, ки мо дар мақолаи мазкур маҳз онро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Сармояи молиявӣ ин дороиҳое, ки дар шакли пулӣ ба дорандаи худ даромад меоранд [7].

Барои ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла фаъолияти бонкӣ пеш аз ҳама сармояи молиявӣ зарур мебошад. Як бахши асосии сармояи молиявӣ ин сармояи оинномавӣ ба ҳисоб меравад. Сармояи оинномавӣ асоси молиявии фаъолияти дилхоҳ ташкилот мебошад, аз ҷумла ташкилотҳои қарзӣ. Аммо бо назардошти хусусияти хоси фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, мавҷуд будани хавфи баланд дар фаъолияти миёнаравӣ ва таъсири ин хавфҳо ба ҷомеа, ташкилкунии сармояи ташкилотҳои қарзӣ нисбат ба дигар шакли корхонаҳо зери танзими ҷиддӣ, аз ҷониби танзимгар (Бонки марказӣ) қарор мегирад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ҷиҳати оғоз намудани фаъолияти бонкӣ ташкилоти қарзиро зарур аст, ки пеш аз ҳама дороии сармоя дар намуди пулӣ ва амвол бошад. Яъне, заминаи асосиро барои ташкил намудани ташкилоти қарзӣ сармояи



**Ҷураев Беҳзод Машрафович**
*н.и.и., сардори шуъбаи таҳлил ва ҷалби маблағгузории ФҚХ “Фонди бозтамвил”*

худӣ (сармояи оинномавӣ) ва сармояи ҷалбкардашуда (аз ҳисоби ҷалб намудани маблағҳои саҳмдорон) мегузорад.

Сармояи оинномавӣ аз ҷониби муассисон ташкил карда шуда, ҳаҷми ҳадди ақали он дар асоси Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ”, “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ва тибқи Дастурамалҳои №176 “Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилоти қарзӣ” ва №197 “Дар бораи тартиби танзими ташкилотҳои қарзии хурд” муқаррар карда мешавад [1, 2].

Маълумоти муфассал оид ба ҳаҷми ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 1 инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 1**. Динамикаи ҳаҷми ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявӣ (млн. сомонӣ, н.б.ҳ.)

| Сана | Бонкҳо | Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | Ташкилотҳои қарзии хурд | Фонди қарзии хурд |
|---|---|---|---|---|---|
| то 31.12.2022с. | 50 | 30 | 6 | 4 | 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо |
| аз 01.01.2023с. | 60 | 40 | 8 | | |
| аз 01.01.2024с. | 70 | 45 | 9 | | |
| аз 01.01.2025с. | 80 | 50 | 10 | | |
| аз 01.01.2026с. | 90 | 55 | 11 | | |
| аз 01.01.2027 | 100 | 60 | 12 | | |

Аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд, ки дар давоми солҳои 2022-2027 талабот нисбат ба ҳадди ақали сармояи оинномавӣ зиёд шуда истодааст. Мақсад аз мунтазам зиёд намудани ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии молиявии навтаъсис ин пеш аз ҳама ба роҳ мондани фаъолияти низоми бонкии солим ва рақобатпазир мебошад. Чунки, дар ҳолати зиёд будани сармояи оинномавии бонк боварии аҳолӣ ба низом зиёд гашта, барои ташкилотҳои қарзӣ бошад, имконияти васеътарро ҷиҳати анҷом додани амалиёти фаъол, ки дорои хавфи баланд мебошанд, фароҳам меоварад.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосии бонкӣ, ки сармоягузорон ба он диққати хоса зоҳир менамоянд ва дар ташаккули ҳаҷми иловагии сармоя нақши муҳим мебозад, ин даромаднокии сармоя мебошад. Даромаднокии сармоя асосан барои сармоягузорон зарур аст, чунки он ифодакунандаи он аст, ки сармоягузор аз сармояи гузоштааш бо назардошти хавфи амалиётӣ чӣ қадар даромад мегирад.




Даромаднокии сармояро дар ташкилотҳои қарзӣ ба таври кутоҳ ROE меноманд, ки он шакли кутоҳкардаи калимаҳои англисии Return on Equity буда, тарҷумаи таҳтуллафзии он даромаднокии сармоя мебошад. Даромаднокии сармоя (ROE) бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ROE = \frac{Фс}{Сх} \times 100\%$$

Дар ин ҷо,
ROE – даромаднокии сармоя
Фс - фоидаи соф
Сх - сармояи худӣ

Масалан, ташкилоти қарзӣ дар як сол 7 млн. сомонӣ фоидаи соф гирифтааст. Дороиҳои умумии ташкилот ба 370 млн. сомонӣ баробар буда, уҳдадориҳояш 30 млн. сомониро ташкил менамояд. Даромаднокии сармоя ёфта шавад.

1) Сармояи худӣ=дороиҳои умумӣ-уҳдадориҳои умумӣ

Сх=370 000 000-30 000 000=340 000 000 сомонӣ

2) ROE = Фоидаи соф /сармояи худӣ *100%

3) $ROE = \frac{Фс}{Сх} \times 100\% = \frac{7000000}{340000000} \times 100\% = 2{,}05\%$

**Хулоса:** Даромаднокии сармоя 2,05% ташкил

**Ҷадвали 2**. Вобастагии даромаднокии сармоя аз меъёри фоизи қарзӣ (ҳангоми якхела будани меъёри фоиз)

| Номи ташкилоти қарзӣ | Дороиҳои умумӣ (млн. сомонӣ) | Уҳдадориҳои умумӣ (млн. сомонӣ) | Сармояи тавозунӣ (млн.сомонӣ) | Меъёри фоизи қарзӣ | Фоида (млн. сомонӣ) | Андоз аз фоида (млн. сомонӣ) | Фоидаи соф (млн. сомонӣ) | Даромаднокии сармоя (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонки Само | 370 | 30 | 340 | 7% | 23,8 | 4,76 | 19,04 | 5,6 |
| Бонки Сабо | 650 | 110 | 540 | 7% | 37,8 | 7,56 | 30,24 | 5,6 |
| Бонки Сано | 900 | 300 | 600 | 7% | 42 | 8,4 | 33,6 | 5,6 |

медиҳад, ин маънои онро дорад, ки ҳар як сомонии сармоягузоришуда 2,05% фоида овардааст, яъне сармоягузорони ташкилоти қарзӣ аз ҳар 1 сомонӣ маблағгузорӣ кардаашон 2 дирам фоида мегиранд.

Боиси қайд аст, ки нишондиҳандаи мазкур бо фоиз ифода ёфта, асосан барои ташкилотҳои қарзие, ки фоида гирифтаанд, ҳисоб карда мешавад, яъне ROE танҳо барои ташкилотҳое, ки фаъолияташон самаранок буда, фоида гирифтаанд, ҳисоб карда мешавад. Дар ҳолати зараровар будани фаъолияти ташкилоти қарзӣ, яъне нагирифтани фоида нишондиҳандаи даромаднокии сармоя (ROE) ҳисоб карда намешавад. Дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ одатан маълумотҳо барои ҳисоб кардани ROE -ро аз Ҳисобот оид ба фоида ва зарар мегиранд.

Нишондиҳандаи мазкур ифодакунандаи он аст, ки ҳар як сомонӣ сармояи худии маблағгузоришуда, чӣ қадар даромад меорад. Аз ин рӯ, ба нишондиҳандаи мазкур пеш аз ҳама сармоягузор диққат медиҳад. Бинобар ин, ташкилотҳои қарзии молиявие, ки ба ҷалби сармоягузорон эҳтиёҷ доранд, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки нишондиҳандаи мазкурро дар сатҳи нисбатан баланд нигоҳ доранд.

Даромаднокии бонкҳо аз бисёр омилҳо вобаста мебошанд, аз ҷумла аз хавфҳои амалиётӣ, сиёсати қарзӣ, идоракунии корпоративӣ ва ғ.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ин қарздиҳӣ буда, даромад аз онҳо дар шакли фоизи қарз, яке аз манбаҳои асосии афзудани даромаднокии ташкилоти қарзӣ мебошад.

Дар ҷадвалҳои зер тартиби ҳисоб кардани ROE ва вобастагии онҳо аз меъёри фоизи қарзӣ оварда шудааст.

Дар ҷадвали 2 ҳамчун мисол фаъолияти се бонки шартӣ бо назардошти истифода бурдани сармояи тавозунии онҳо танҳо барои қарздиҳӣ бе назардошти дигар амалиётҳо гирифта шудааст, ки ҳаҷми дороиҳо ва уҳдадориҳои онҳо гуногун буда, меъёри фоизи қарзии аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда якхела, яъне 7% солона мебошад. Чи тавре ки натиҷаҳои таҳлил нишон медиҳанд, новобаста аз гуногун будани ҳаҷми сармояи тавозунӣ (дороиҳо-уҳдадориҳо) бо назардошти якхела будани меъёри фоизи қарзии аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда, даромаднокии сармоя дар онҳо якхела (ROE =5,6%) мебошад.

**Ҷадвали 3**. Вобастагии даромаднокии сармоя аз меъёри фоизи қарзӣ (ҳангоми гуногун будани меъёри фоиз)

| Номи ташкилоти қарзӣ | Дороиҳои умумӣ (млн. сомонӣ) | Уҳдадориҳои умумӣ (млн. сомонӣ) | Сармояи тавозунӣ (млн.сомонӣ) | Меъёри фоизи қарзӣ | Фоида (млн. сомонӣ) | Андоз аз фоида (млн. сомонӣ) | Фоидаи соф (млн. сомонӣ) | Даромаднокии сармоя (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонки Само | 370 | 30 | 340 | 20% | 68 | 13,6 | 54,4 | 16,00% |
| Бонки Сабо | 650 | 110 | 540 | 15% | 81 | 16,2 | 64,8 | 12,00% |
| Бонки Сано | 900 | 300 | 600 | 10% | 60 | 12 | 48 | 8,00% |

Таҳлилҳои ҷадвали 3 нишон медиҳанд, ки ҳангоми бетағйир будани дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкҳо, вале гуногун будани меъёри фоизи қарзии аз ҷониби онҳо пешниҳодшаванда, даромаднокии сармоя дар бонкҳо тағйир меёбад. Натиҷаи таҳлили ҷадвалҳои 2 ва 3 шаҳодат аз он медиҳанд, ки даромаднокии сармоя бо меъёри фоизи қарзӣ вобастагии мустақим ё зич доранд. Яъне, бо зиёд шудани меъёри фоизи қарзӣ даромаднокии сармоя низ афзоиш ёфта, дар ҳолати баръакс даромаднокии сармоя коҳиш меёбад (бе назардошти хавфҳо).

Омили дигаре, ки ба сатҳи даромаднокии сармояи бонк метавонад таъсир расонад, ин тағйирёбии фоидаи соф мебошад.

Маълум аст, ки самаранокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ пеш аз ҳама аз рӯи даромаднокии амалиётҳое, ки онҳо анҷом медиҳанд, муқаррар карда мешаванд. Даромаднокӣ (рентабельность) натиҷаи мусбии тамоми фаъолияти ташкилоти қарзиро нишон медиҳад. Фоида бошад, ин нишондиҳандаи асосии инъикоскунандаи даромаднокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ мебошад. Пас, фоида нишондиҳандаи асосии самаранокии (эффективность) фаъолияти ташкилоти қарзӣ мебошад. Дар ҳолати зиёд шудани нишондиҳандаи даромаднокии ташкилоти қарзӣ фоидаи он зиёд гашта аз фаъолияти самараноки ташкилоти қарзӣ шаҳодат медиҳад. Дар ҳолати нагирифтани фоида ва дидани зарар ин аз ғайрисамаранок будани фаъолияти ташкилоти қарзӣ шаҳодат медиҳад. Аммо боиси қайд аст, ки баъзан ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ дар давраи дарозмуҳлат (бо назардошти зарурати истеҳсолӣ ва таъмини рақобатпазирӣ), дидаву дониста хароҷотҳои худро дар давраи кутоҳмуддат зиёд мекунанд (хариди барномаҳои нав, таҷҳизоту технологияҳои замонавӣ, ҷалби мутахассисони хориҷӣ ва ғ.), ки боиси бо зарар ҷамъбаст намудани давраи фаъолият мегардад.




Аз ин рӯ, сармоягузорон ҳангоми таҳлил нишондиҳандаи гирифтани фоида ва даромаднокии сармояро барои давраи на камтар аз сесола мегиранд, ки он инъикоскунандаи ҳолати воқеии молиявии ташкилоти қарзӣ мегардад.

Боиси қайд аст, ки сармоягузорон ҳангоми интихоби соҳаи сармоягузорӣ нишондиҳандаи ROE-и ҳама соҳаҳоро бо назардошти хавфи соҳа ва сатҳи таваррум ба инобат мегиранд. Дар ҳолати нишондиҳандаи ROE пасттар аз сатҳи таваррум бошад, бевосита сармоягузор барои сармоягузорӣ ба ин ташкилоти қарзӣ ҳавасмандӣ зоҳир наменамояд, чунки ин маънои онро дорад, ки бо назардошти сатҳи таваррум сармояи воқеии сармоягузор зиёд намешавад.

Агар ташкилоти қарзӣ мақсади бештар ҷалб намудани сармоягузоронро дошта бошад, пас вай вазифадор мегардад, ки нишондиҳандаи ROE-ро баланд бардорад (чунки сармоягузор пеш аз ҳама ба ин нишондиҳанда диққат медиҳад), ин бошад дар ҳоле муяссар мегардад, ки ташкилоти қарзӣ фоизи қарзҳоро низ баланд бардорад. Дар навбати худ баландбардории меъёри фоизи қарзӣ боиси кам шудани муштариёни бонк мегардад, ки ин бевосита ба гирдгардиши дороиҳои бонк таъсир расонида, даромаднокии ташкилотро коҳиш медиҳад.

Дар асоси таҳлилҳои анҷомдодашуда, маълум мегардад, ки даромаднокии сармоя аз якчанд омилҳо вобаста мебошад, аз ҷумла, меъёри фоизи қарзӣ, дороиҳо, уҳдадориҳо,

**Расми 1**. Омилҳое, ки ба пасту баландшавии даромаднокии сармоя таъсир мерасонанд.




воситаҳои худӣ, сармояи тавозунӣ, фоидаи соф, гирдгардиши дороиҳо ва хавфҳои бонкӣ.

Тибқи маълумотҳои оморӣ дар солҳои 2021 даромаднокии сармоя дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,1% ташкил намуда, дар соли 2022 ин нишондиҳанда якбора ба 18% расидааст. Сабаби зиёдшавии якбораи ROE дар низом ин пеш аз ҳама зиёд шудани фоидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ мебошад. Зиёд шудани фоидаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ бошад, пеш аз ҳама бо бартараф шудани оқибатҳои пандемияи COVID, афзоиш ёфтани сандуқи қарзӣ, зиёд шудани ҳаҷми савдои хориҷӣ, ҳаҷми интиқолҳо аз хориҷи кишвар, афзоиш ёфтани хизматрасониҳои бонкӣ ва амалиётҳои асъорӣ вобастагӣ дорад. Дар соли 2021 фоидаи ташкилотҳои қарзии молиявии ҷумҳурӣ дар умум 108 млн. сомониро ташкил менамуд, дар соли 2022 бошад, фоидаи умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ 988% зиёд шуда, маблағи 1,17 млрд. сомониро ташкил дод [8]. Бевосита зиёдшавии нишондиҳандаи ROE дар низоми бонкии ҷумҳурӣ боиси ҷалби бештари сармоягузорон ба низом хоҳад шуд.

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", 19 майи соли 2009,
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд", 16 апрели соли 2021,
3. Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилоти қарзӣ", 9 октябри соли 2009 (тағйиру иловаҳо аз 24 майи соли 2022),
4. Дастурамали №197 "Дар бораи тартиби танзими ташкилотҳои қарзии хурд", 28 майи соли 2015,
5. Карл Маркс. Капитал. Критика политической экономии. Т. 1. Кн. 1. Под ред. В. Я.Чеховского. Москва, 2015г. 452с.
6. Добвенко М.В., Осик Ю.И.. Современные экономические теории в трудах нобелиантов, Москва, 2011г. 286с.
7. Ҷураев Б.М.. Фаъолияти бонкӣ (китоби дарсӣ), Душанбе -2014с. 483с.
8. https://www.nbt.tj/tj/banking_system/nadzor.php -сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон

Фестивали Саводнокии молиявӣ



# Фестивали аввалини “Саводнокии молиявӣ” дар Душанбе

**Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва татбиқи босамари Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ҷиҳати амалисозии тадбирҳои баланд бардоштани саводнокии молиявии рақамӣ 13 майи соли 2023 дар меҳмонхонаи “Серена Душанбе” бо иқдоми Бонки миллии Тоҷикистон ва иштироки ташкилотҳои қарзии молиявию суғуртавӣ ва шарикони рушд, аз ҷумла шарикони маҳаллӣ ва хориҷӣ нахустин Фестивали “Саводнокии молиявӣ” доир гардид.**

> **Бонки миллии Тоҷикистон саҳм ва нақши ташкилотҳои қарзии молиявиро ҳамчун иштирокчии бевоситаи бозори молиявӣ ва пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои молиявӣ ба истеъмолкунандагон дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии истифодабарандагони чунин хизматрасониҳо муҳим ва назаррас арзёбӣ менамояд.**

Фестивали мазкур доираи васеи иштирокчиёнро фаро гирифта, асосан барои ҷалби таваҷҷуҳи наврасон ва ҷавонон равона шуд, зеро неруи созандаи ҷавонон дар рушду ташаккули иқтисоди рақамӣ саҳми назаррас дорад. Фестивали саводнокии молиявӣ дар се қисм: намоишгоҳи маҳсулоти бонкӣ, Форуми саводнокии молиявӣ ва барномаи фарҳангӣ бо доир кардани викторинаҳо баргузор гашт.

Дар “Форуми саводнокии молиявӣ” беш аз 150 нафар, аз ҷумла роҳбарият ва намояндагони воҳидҳои сохтории БМТ, шуъбаҳои минтақавӣ, роҳбарияти ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар ва кормандони ташкилотҳои байналмилалӣ ширкат варзиданд.

Форуми мазкурро муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир ифтитоҳ намуда, оид ба аҳаммияти баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва саҳми он дар рушди низоми бонкӣ ва дар маҷмуъ иқтисоди миллӣ суханронӣ намуд.

**“Ҳадаф аз баргузории чунин як чорабинии фарогир васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявию суғуртавӣ, муаррифии хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии**

**молиявӣ ва суғуртавӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ махсуб меёбад”, - гуфт зимни суханронӣ Назирӣ Г.Н.**

Зикр карда шуд, ки баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ ва таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо ҳамчун истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар рушди низоми бонкӣ, таъмини фаъолияти босамари он ва ба ин васила таҳким бахшидани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии мамлакат нақши муҳим дорад.

Бо мақсади таъмини иҷрои саривақтӣ ва самарабахши ҳадафҳои пешбининамудаи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои



Пешвои муаззами миллат, дар самти баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамдастӣ бо вазорату идораҳои дахлдор, ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва шарикони рушд як қатор тадбирҳои муҳимро роҳандозӣ намуд.

Дар ин раванд, - изҳор дошт муовини раис Назирӣ Г.Н., - Бонки миллии Тоҷикистон саҳм ва нақши ташкилотҳои қарзии молиявиро ҳамчун иштирокчии бевоситаи бозори молиявӣ ва пешниҳодкунандаи



Фестивали Саводнокии молиявӣ

хизматрасониҳои молиявӣ ба истеъмолкунандагон дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии истифодабарандагони чунин хизматрасониҳо муҳим ва назаррас арзёбӣ менамоянд.

Дар кори Форуми саводнокии молиявӣ як қатор мутахассисони соҳаи бонкӣ, соҳибкорони муваффақ ва намояндагони ширкатҳои хориҷӣ иштирок дошта, дар мавзуъҳои гуногуни рабт ба саводнокии молиявӣ баромад ва муҳокимарониҳо карданд.



Аз ҷумла, оид ба “Гузариш ба QR-рамзи ягона” - сардори шуъбаи пардохтҳои байнибонкӣ ва идоракунии ММПИМ идораи низоми пардохти БМТ Салоҳиддин Мирзоахмедов, оид ба “Саводнокии молиявӣ ҳамчун асоси даромаднокии тиҷорат” - сардори Муассисаи давлатии “Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон” Дилшод Ҷуразода, оид ба “Муҳиммияти ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ” - мушовир-мутахассиси идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии БМТ Иззатзода Шомил, оид ба “Зеҳни сунъӣ дар низоми бонкӣ” сардори департаменти техникии Zypl.ai – Аҳлиддин Низомиддинов, оид ба “Баланд бардоштани рақобатпазирии бонкҳо дар давраи стартапҳо” – директори генералии ширкати Sky CA Шералӣ Ҷурабоев, оид ба “Таъсири меъёрҳои иҷтимоӣ ба рафтори молиявӣ” – мушовири Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ



(IFC) – Заррина Бобоалиева, оид ба “Нақши ташкилотҳои молиявии қарзӣ дар баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявӣ” – директори ширкати “German Sparkassenstiftung Central Asia” Инна Мазур, оид ба “Пешгирии амалҳои қаллобӣ дар низоми молиявӣ” – сардори идораи кор бо қарзҳои мушкилситон ва пешгирии амалҳои қаллобии ЧСК “Алиф Бонк” Сорбон Чураев ва оид ба “Инкишофи QR пардохтҳо” – муаллифи Низоми пардохтҳои зуд (Система Быстрых Платежей) – Нататок Заур, ки аз ш.Москваи Федератсияи Россия махсус барои иштирок дар форум ташриф оварда буд, бо иштирокчиёни форум машваратҳо гузарониданд.



Дар доираи “Фестивали саводнокии молиявӣ” инчунин намоишгоҳи маҳсулоти бонкӣ баргузор гардида, дар он ташкилотҳои қарзии молиявию суғуртавӣ ва ширкатҳои хусусӣ маҳсулотҳои худро ба намоиш гузошта, дар бобари ин корҳои таблиғотиро байни чавонон ва наврасон ба роҳ монданд.

Ҳамзамон барои иштирокдорони фестивал, ки махсусан доираи васеи чавонону наврасонро дар бар мегирифт, барномаи васеи фарҳангӣ бо иштироки санъаткорони шинохтаи кишвар баргузор гардид.



Фестивали Саводнокии молиявӣ



263 семинарҳои омӯзишӣ, рӯнамоҳо, озмунҳо ва барои 9 130 нафар толибилмон ва донишҷӯён корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуда, дар мавзуи саводнокии молиявӣ маводи иттилоотӣ паҳн карда шуд.

## ОЗМУНҲОИ ҶУМҲУРИЯВӢ

Таҳлилҳо собит месозанд, ки раванди омӯзиши дониши молиявӣ бояд аз синни хурдсолӣ, яъне аз муассисаҳои томактабӣ оғоз гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ идома дода шавад. Дар робита ба ин, дар доираи маъракаи байналмилалии Global Money Week-2023 бо ташаббуси идора ва дастгири шарикони рушд миёни кӯдакон ва наврасон озмунҳои “Расми беҳтарин оид ба саводнокии молиявӣ”, “Куттичаи пули беҳтарин” ва “Видеонавори беҳтарин оид ба саводнокии молиявӣ” гузаронида

Бахри ҳавасманд кардани ҷавонон, наврасон ва ҳатто кӯдакони то синни мактабӣ дар доираи чорабинии фарҳангӣ викторинаҳои шавқовар гузаронида шуда, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва суғуртавӣ, ширкатҳои хусусӣ туҳфаҳои хотиравӣ бахри ҳавасмандгардонии иштирокдорон тақдим карда шуд.

Бо ин васила, дар фестивали “Саводнокии молиявӣ” зиёда аз 2000 нафар бевосита иштирок намуда, оиди баргузории чорабинии мазкур тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизион ва радио зиёда аз 1 млн. нафар огаҳӣ пайдо намуданд.

## GLOBAL MONEY WEEK-2023

Фестивали “Саводнокии молиявӣ” дар доираи маъракаи байналмилалии Global Money Week-2023 баргузор гардида, дар баробари ин  аз ҷониби БМТ дар доираи моҳи саводнокии молиявӣ, аз ҷумла идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ якҷо бо ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва



суғуртавӣ, шарикони рушд ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ аз 1 то 30 апрели соли 2023 як қатор чорабиниҳоро доир намуд. Дар давоми моҳи саводнокии молиявӣ дар саросари кишвар бахри баланд бардоштани саводнокии молиявӣ

шуданд, ки дар ин озмунҳо зиёда аз 100 нафар кӯдакон ва наврасон ширкат варзиданд.

Дар номинатсияи “Расми беҳтарин оид ба саводнокии молиявӣ” ҷойи 1-умро Тошева Аниса, хонандаи синфи 3-и литсей-интернати “Ҳотам ва П.В.”, ҷойи 2-юмро Сафия Негматова хонандаи синфи 3-и литсейи инноватсионии ш.Душанбе ва ҷойи 3-юмро Муслима Бузургхонова хонандаи синфи 3-и МТМУ ба номи А.П.Чехов ишғол намуданд.

Дар номинатсияи “Қуттичаи пули беҳтарин” ҷойи 1-умро Джонаттан Шарифӣ, хонандаи синфи 6-и литсей барои хонандагони болаёқати ш.Душанбе, ҷойи 2-юмро Ариана Парвизӣ, хонандаи синфи 7-и литсейи инноватсионии ш.Душанбе ва ҷойи 3-юмро Абдулло Мирзоев, хонандаи синфи 6-и МТМУ №30 ш.Душанбе ишғол намуданд.




Дар номинатсияи “Видеонавори беҳтарин оид ба саводнокии молиявӣ” ҷойи 1-умро Абдураҳим Давронов, хонандаи синфи 9-и МТМУ №8 ш.Душанбе ва ҷойи 2-юмро Фаррух Қурбонов, хонандаи синфи 9-и МТМУ №8 ш.Душанбе ишғол намуданд.

Ба ғолибони озмунҳои зикршуда туҳфаҳо аз қабили ноутбукҳо, смарт-соатҳо, планшетҳо, интернет роутерҳо, сертификат барои аксгирӣ, сертификат барои омӯзиши барномасозӣ, интернет пакетҳо, қуттичаи пулӣ, гӯшмонакҳо, рақамҳои “нуқра” ва дигар туҳфаҳои хотирмон, ки аз ҷониби шарикони рушд пешниҳод гардида буданд, тақдим карда шуданд.

Маврид ба зикр аст, эълон оид ба баргузории озмунҳо дар саҳифаи “Бонки миллии Тоҷикистон “Саводнокии молиявӣ” ҷойгир шуда буд ва зиёда аз 1 000 000 нафар истифодабарандагони шабакаи иҷтимоии Facebook дидан намуданд. Роҳандозии чунин чорабиниҳо ба баланд бардоштани саводнокии молиявии ҷавонону наврасон ва дигар иштирокчиёни Global Money Week мусоидат хоҳад кард.



***Ҳасанова М.Э.,***
***сармуҳаррири "БТҶ"***




# АҲАММИЯТ ВА ЗАРУРАТИ САВОДНОКИИ МОЛИЯВӢ

**Афзоиши саводнокии молиявии аҳолӣ дар Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳиммест, ки барои пешрафти иқтисодиёт ва рушди бонкдорӣ боис мешавад. Афзоиши саводнокии молиявии аҳолӣ дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030” қайд гардидааст ва дар асоси он вазорату идораҳои дахлдори давлат бояд тадбирҳои муҳиммеро барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии мардум амалӣ намоянд. Дар доираи ин Стратегия бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ ба шаҳрвандон идоракунии маблағҳо, самаранок истифодабарӣ аз хизматрасониҳои бонкӣ ва пайдо кардани иттилоот оид ба маҳсулот ва хизматрасониҳои муосири молиявӣ омӯзонида мешавад.**

Ба ин хотир солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ фаъолияти густурдаеро ба роҳ монда, дар ҳамкорӣ бо ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ тадбирҳоеро амалӣ карда истодааст. Зеро афзоиши маърифати молиявии аҳолии кишвар пеш аз ҳама барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, рушди истеҳсолот ва афзоиши сатҳи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ барои рушди низоми бонкии кишвар низ боаҳамият аст. Он ба коҳиши хавфҳои қарзӣ ва пешгирии мушкилоти саривақт бознагардонидани қарзҳо мусоидат мекунад. Зеро таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки баланд набудани сатҳи саводнокии молиявӣ боис ба ғайримақсаднок истифода шудани қарзҳо аз ҷониби бархе муштариёни каммасъулият мешавад ва дар навбати худ ин барои ташкилотҳои қарзӣ масъалаи бозпас баргардонидани маблағҳоро пеш меорад. Бо ин сабаб, татбиқи барномаҳо барои афзоиши саводнокии молиявӣ ба коҳиши хавфҳои қарзӣ ва беҳтар идора намудани маблағҳои шаҳрвандон мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар бораи вазъи фаҳмиши молиявии аҳолии Тоҷикистон маълум намуд, ки аксарияти марду-

ми кишвар маълумоти кофии молиявӣ дар бораи фаъолияти бонкҳо ва идоракунии даромаду хароҷоти худро надоранд. Бино ба иттилоъи Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар асоси натиҷаҳои ин таҳқиқот беш аз 40 фоизи иштирокчиёни пурсиш даромади умумии худро пурра сарф мекунанд ва танҳо нисфи онҳо як қисми даромади худро пасандоз менамоянд. Инчунин тибқи ин таҳқиқот 83 фоизи иштирокчиён зимни пурсиш истилоҳоти асосии бонкиро шарҳ дода натавонистаанд. Ғайр аз он, 90 фоизи пурсидашудагон умуман дар бораи бюрои қарзӣ чизе нашунидаанд ва фақат 40 фоизи онҳо розӣ шуданд, ки ба бюрои қарзӣ дар бораи таърихи қарзи онҳо маълумот дода шавад. Бо ин далелҳо, афзоиши фаҳмиши иқтисодии шаҳрвандон муҳим дониста мешавад. Шаҳрвандон бояд ҳадди ақал тарзи фаъолияти бонкҳо ва ҳисоб намудани даромаду хароҷоти хонаводагии худро омӯзанд.

Афзоиши сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ боис ба он мешавад, ки шаҳрвандон пеш аз ҳама молияи хонаводаи худро беҳтар идора намуда, ҳангоми харидорӣ ва ё истифода аз маҳсулоти молиявӣ тасмими дурусту муносиб гиранд. Бо ин сабаб афзоиши саводнокии молиявӣ сатҳи хавфи талафотро кам намуда, манфиати иқтисодии захираҳои мавҷудаи молиявиро ҳам барои оилаи шаҳрванд ва ҳам барои низоми бонкӣ бештар мекунад. Зеро агар аксари шаҳрвандон маълумоти кофӣ оид ба фаъолияти бонкҳо ва тарзи дурусти истифодаи қарз надошта бошанд, даст ёфтан ба нишондиҳандаҳои беҳтари қарздиҳӣ ва маблағгузорӣ бисёр душвор аст. Масалан, қарзгирандаи дорои саводи нокофии молиявӣ метавонад қарзро барои соҳибкорӣ гирифта, онро барои гузаронидани маросимҳои ҷамъиятие ба мисли тӯй истифода барад ва ё барои хариди таҷҳизот барои хона истифода бурда, баргардонидани онро фикр накунад. Дар чунин ҳолат эҳтимолияти саривақт барнагардонидани қарз ва ба ин васила сабаби пайдо шудани мушкилот ҳам барои бонк ва ҳам барои мизоҷ мешавад.

Бинобар ин, баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ барои роҳандозӣ намудани принсипҳои маблағгузории бомасъулият ва таъмини устувории бозори молиявӣ мусоидат мекунад.

Маҳз бо дарназардошти боаҳаммият ва боафзалият будани масъалаи мазкур, Бонки миллии Тоҷикистон корҳои муҳимро барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолии кишвар пайваста пеш мебарад. Бо ин мақсад, Бонки миллии Тоҷикистон дар солҳои охир дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои қарзии кишвар як қатор чорабиниҳои боаҳаммиятеро ба монанди "Ҳафтаи ҷаҳонии пул", "Рӯзи умумиҷаҳонии пасандоз" ва "Рӯзи дарҳои кушод" мегузаронад ва дар чунин маъракаҳо ва тренингу семинарҳо сатҳи саводнокии молиявии шаҳрвандонро (аз он ҷумла, ҷавонону наврасонро) афзоиш медиҳад.

Аз ҷумлаи ин тадбирҳо "Ҳафтаи ҷаҳонии пул" (Global Money Week) аст, ки ҳар сол дар кишвар бошукӯҳ таҷлил карда мешавад. Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ ҳамасола дар моҳҳои марту апрел ин ҳафтаи байналмилалии марбут ба саводнокии молиявиро бо иштироки наврасон ва ҷавонон баргузор менамояд. Мақсад аз ин чорабинӣ тақвият бахшидани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи маъ-



рифатнокии мардуми кишвар ва васеъ намудани имконоти онҳо ҷиҳати ба роҳ мондани ояндаи бомасъулияти молиявӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ арзёбӣ мешавад. Дар чорабинии мазкур аксари ташкилотҳои қарзии кишвар, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои молиявии хурд, ташкилотҳои байналмилалӣ ба таври фаъол ширкат намуда, барои афзоиши саводнокии молиявии аҳолӣ саҳм мегузоранд.

Дар чунин чорабиниҳо мардуми зиёд иштирок намуда, сатҳи саводнокии худро баланд мебардоранд. Чунончӣ танҳо дар як чорабинии "Рӯзи ҷаҳонии пасандоз" (World Savings Day), ки дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон бо ҳадафи ҳавасмандгардонӣ ва таблиғи ғояҳои нигоҳдории маблағи пулӣ ва оқилона сарф кардани он ҳар сол 31 октябр гузаронида мешавад, дар соли гузашта ҳудуди 6000 нафар иштирокдорон имкон ёфтанд, ки саводнокии молиявии худро баланд бардоранд. Танҳо дар доираи ин чорабинӣ бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, коллеҷу донишгоҳҳо рафта, ба ҷавонони фаъол ҳангоми вохӯриҳо масъалаи пасандозгузорӣ ва сарфаи пулро омӯхтанд. Инчунин, дар марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ дар шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Данғара, Хоруғ, Турсунзода, Панҷакент, Исфара, Истаравшан, Ҳамадонӣ, Ховалинг, Рашт, Шоҳин, Балҷувон, Фархор, Деваштич, Шаҳритус, Ҷ. Расулов, Б. Ғафуров ва ноҳияҳои дигар бо иштироки истифодабарандагони хизматрасониҳои молиявӣ тадбирҳои иттилоотӣ баргузор гардиданд. Ба ғайр аз ин, чорабинии мазкур зиёда аз 10000 истифодабарандагони интернетро низ фаро гирифтааст.




Бонки миллии Тоҷикистон барои баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар сомонаи расмии худ, дар бахши Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, дар гӯшаи алоҳида маводҳои дахлдор барои баланд бардоштани маърифати молиявиро ҷойгир карда, ба хонандагон пешниҳод кардааст.

Амалӣ намудани ингуна чорабиниҳо сатҳи саводнокии молиявии аҳолиро баланд бардошта, иҷро намудани супоришҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар соҳаи бонкдориро таъмин мекунад, ки аз ҷумлаи ин супоришҳо гузаронидани ислоҳоти зарурии пуливу қарзӣ, муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ, сатҳи нархҳо, фаъолияти бонкҳо, назорати риояи қонунгузории бонкӣ ва такмили он мебошанд.

Ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон низ бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ дар солҳои охир чорабиниҳоеро баргузор мекунанд, ки далели бетафовут набудани онҳо нисбат ба масъалаи мазкур аст. Ҳоло ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба масъалаи зиёд намудани саводнокии молиявии мизоҷони худ диққати зиёд медиҳанд. Ташкилотҳои қарзӣ чораби-

ниҳои иттилоотии гуногунеро доир менамоянд, ки дар онҳо мизоҷон ва сокинони маҳаллӣ метавонанд ба саволҳои худ дар бораи мафҳумҳо ва хизматрасониҳои молиявӣ ҷавобҳои муфассал дарёфт кунанд. Ба ғайр аз ин, ба шаҳрвандон, дар бораи дуруст тартиб додани буҷети оилавӣ, ки ба онҳо имкон медиҳад, воситаҳои пулиро самаранок захира намоянд ва онҳоро дар оянда барои таълими кӯдакон, беҳдошти хонаи худ ва бунёди шароитҳои мусоид барои зиндагӣ сарф намоянд, тавсияҳо дода мешаванд. Ҳамин гуна тарзи пасандоз намудани пулҳо дар суратҳисобҳои пасандозии бонкӣ ёд дода мешавад. Ташкилотҳои қарзӣ ҳамчунин дар сомонаҳои худ роҷеъ ба саводнокии молиявӣ мавод гузошта, барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ саҳм мегузоранд.

Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ҳам бо мақсади баланд бардоштани маърифати молиявӣ дар солҳои охир бар асоси барномае, барои кормандони ҳукуматҳои маҳаллӣ, бонкҳо ва гурӯҳҳои дигари ҷомеа дар аксари шаҳру ноҳияҳои кишвар давраҳои омӯзишӣ баргузор намудааст. Дар ин давраҳо масъалаҳои муҳимме ба мисли буҷети хонавода ва мақсадҳои молиявӣ, дороиҳо, сармоягузорӣ, амалиёти амонатии бонк, пасандозу фишангҳои он, қарзу идоракунии он ва хизматрасониҳои молиявии муосир барои қишрҳои гуногуни аҳолӣ омӯзонида шудаанд. Афзоиши саводнокии молиявии қишрҳои гуногуни аҳолӣ метавонад бахши молиявиро рушд диҳад, соҳибкориро ҳавасманд гардонад, барои сарфи оқилонаи маблағҳо саҳм гузорад ва сатҳи зиндагии мардумро хубтар кунад.



Баланд бардоштани саводнокии молиявӣ шароит фароҳам меорад, ки шаҳрвандон доир ба масъалаҳои молиявии худ тасмимҳои дуруст гиранд. Ба ин далел, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ бо муштариён гузаронидани семинарҳое, ки роҳҳои идоракунии буҷети хонавода, ҳисоб намудани даромаду хароҷот, қабул кардани қарори дуруст барои гирифтани қарзро ба шаҳрвандон ёд медиҳанд, мувофиқи мақсад мебошад.

Бино ба маълумоти оморӣ дар натиҷаи чунин тадбирҳо дар доираи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои то 2030" сатҳи саводнокии молиявии аҳолии Тоҷикистон дар солҳои охир пайваста боло меравад ва дар паи он, шумораи шаҳрвандоне, ки буҷети хонаводаи худро таҳия мекунанд ва шумораи онҳое, ки маблағҳои худро чун пасандоз дар бонкҳо мегузоранд, низ афзоиш меёбад. Инчунин дар натиҷаи татбиқи ин барномаҳо интизор меравад, ки ҳаҷми амонатҳо дар низоми молиявӣ меафзоянд, сатҳи хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ коҳиш меёбад, дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ бештар мешавад, ҷойҳои нави корӣ бунёд мешаванд ва сатҳи истеҳсолоту сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар мешаванд.

***Аслам Мӯминов,***
***"БТҶ"***



# Бонувони Бонки миллии Тоҷикистон дар Фестивали ҷумҳуриявии “Сад ранги чакан”

“Фестивали ҷумҳуриявии “Сад ранги чакан” аз ҷумлаи тадбирҳои гиромидошти арзишҳои асили фарҳангӣ арзёбӣ мегардад, ки ба тарғибу ташвиқи либоси миллӣ, баланд бардоштани нақши сӯзанидӯзиву гулдӯзӣ дар матоъҳои миллӣ, намоиш додани ҳунари волои тарроҳону чакандӯзон, сӯзанидӯзону чеварон ва ҳунармандони ватанӣ равона гардидааст”, - изҳор дошт зимни ифтитоҳи фестивали ҷумҳуриявии “Сад ранги чакан” муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён.

Фестивали ҷумҳуриявии “Сад ранги чакан” 6 майи соли 2023 бо ибтикори Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардид, ки дар он бонувони Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Назирӣ Гулбаҳор Назир иштирок доштанд.

Ба шарофати Ваҳдату Истиқлоли беназири мамлакат, дар фазои тантанаи сулҳу созандагӣ бо дастгириҳо ва ташаббусҳои пайвастаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола озмуну фестивалҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ доир мешаванд, ки ҳадафи онҳо, пеш аз ҳама, муаррифии мақому манзалати занон дар ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёди Тоҷикистон, муаррифии санъату ҳунар, маҳорату малакаи нақшофарӣ, тарғибу ташвиқи арзишҳои миллӣ, анъанаҳои неки ниёгон ва фарҳангу тамаддуни барҷастаи миллати солори тоҷик мебошад.

***“БТҶ”***















# МАСЪАЛАҲОИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРИҲОИ ХОРИҶӢ БА МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Бо мақсади расидан ба афзалиятҳои миллӣ тавассути рушди минтақаҳои кишвар, барои баланд бардоштани иқтидори истеҳсолию содиротии мамлакат ва дар ин раванд барои ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ дар Тоҷикистон 5 минтақаи озоди иқтисодӣ, аз ҷумла МОИ "Суғд", МОИ "Панҷ", МОИ "Ишкошим", МОИ "Данғара" ва МОИ "Кӯлоб" таъсис дода шудааст.**



Минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар ҳамзамон бо мақсади таъмини шароити мусоид барои суръатбахшии рушди иқтисодии мамлакат, аз ҷумла таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор, рушди бемайлони иқтисодиёт дар асоси технологияи инноватсионӣ, истифодаи таҷрибаи пешқадами хориҷӣ, муттаҳидсозӣ ва истифодаи маҷмӯии сармояи давлатӣ, тиҷоратӣ ва хориҷӣ, санҷиши усулҳои нави хоҷагидорӣ, ки ба омезиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд, дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани ихтироот ва коркарди илмию техникии ватаниву хориҷӣ бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар дигар ташкилотҳои ҷумҳуриявӣ, густариши истеҳсоли молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо, афзун намудани содироти маҳсулот ва ҳалли дигар масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таъсис дода шудаанд.

Барои таъсис ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, қабл аз ҳама, заминаи ҳуқуқии онҳо ба вуҷуд оварда шуд. Дар як муддати муайян санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ (25 марти соли 2011); қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Панҷ» ва «Суғд» (2 майи соли 2008); «Дар бораи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» (20 феврали соли 2009); «Дар бораи таъсиси минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» (1 марти соли 2019) таҳия ва қабул гардиданд. Ҳамзамон бо қарорҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодии «Суғд» ва «Панҷ» (29 октябри соли 2008), минтақаҳои озоди иқтисодии «Ишкошим» ва «Данғара» (20 январи соли 2010) ва минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» (30 октябри соли 2019) тасдиқ карда шуданд.

Ҳамчунин барои мусоидат ба рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҳаллу фасли масъалаҳои ҷойдошта қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии



**Мадҷон Манучеҳра Мирзоалӣ**, *ссардори Сарраёсати сиёсати сармоягузорӣ ва рушди минтақаҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Ҷадвали 1.** Шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар давоми солҳои 2012-2021

| Номи минтақа | 2012 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| МОИ «Суғд» | 16 | 23 | 24 | 29 | 30 | 30 |
| МОИ «Данғара» | 8 | 31 | 27 | 25 | 25 | 32 |
| МОИ «Панҷ» | 7 | 14 | 17 | 16 | 11 | 11 |
| МОИ «Ишкошим» | 0 | 0 | 3 | 5 | 5 | 5 |
| МОИ «Кӯлоб» | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ | 31 | 68 | 71 | 75 | 72 | 79 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Фонди ҷумҳуриявии рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (8 октябри соли 2012) ва «Дар бораи таъсиси Шӯрои нозирон оид ба масъалаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (30 декабри соли 2014) қабул гардиданд.

Ҳамин тавр, тибқи банди 1 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои аввалиндараҷа оид ба ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба масъалаҳои ташкил, идоракунӣ ва фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст.

Дар баробари ба фаъолият оғоз намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ корҳои тарғиботӣ ва ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ ба ин минтақаҳо рӯ ба равнақ ниҳод. Иқдоми пешгирифта дар ин самт пурсамар гардида, шумораи субъектҳои бақайдгирифташуда дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар рӯз ба рӯз меафзояд.

Ҳамин тариқ, ба ҳолати 1 январи соли 2022 дар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ 79 ширкати ватанию хориҷӣ ҳамчун субъект ба қайд гирифта шуданд, ки нисбат ба соли 2012 38 субъект ё 1,6 маротиба зиёд мебошад.

Аз теъдоди умумии субъектҳои ба қайд гирифташуда айни замон 32 субъект, аз ҷумла дар МОИ "Суғд" – 17 дар МОИ "Данғара" – 13 ва МОИ "Панҷ" – 2 субъект фаъолияти истеҳсолӣ, хизматрасонӣ ва содироту воридотро ба роҳ монда, ширкатҳои боқимонда дар марҳилаи оғоз намудани фаъолият ва ворид намудани таҷҳизоти технологӣ қарор доранд.

Дар баробари ин ҷалби сармоя ба минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол зиёд шуда истодааст, ки аз ин рақамҳои ҷадвали 2 тасдиқ менамоянд.

Самти асосии фаъолияти маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар марҳилаи аввал аз бунёди инфрасохтори

**Ҷадвали 2.** Ҷалби сармоя ба минтқаҳои озоди иқтисодии кишвар дар давоми солҳои 2012-2021

| Номи минтақа | 2012 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | Аз оғози фаъолият |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| МОИ «Суғд» | 12,5 | 2,2 | 19,7 | 9,5 | 17 | 18,1 | 115,2 |
| МОИ «Данғара» | 2,1 | 91,3 | 37 | 129,2 | 24,3 | 98 | 1800,5 |
| МОИ «Панҷ» | 0,2 | 4 | 3,3 | 4 | 2,1 | 0,7 | 19,6 |
| МОИ «Ишкошим» | 0 | 0 | 0,2 | 3,7 | 0 | - | 3,9 |
| МОИ «Кӯлоб» | - | - | - | 0 | 0 | 5 | 5 |
| **Ҳамагӣ** | 15 | 97,4 | 60 | 146,3 | 43,3 | 121 | 1944 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

он иборат мебошад. Аз оғози таъсисёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ то 1 январи соли 2022 аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои сохтмони инфрасохтори аввалиндараҷа ва нигаҳдорӣ беш аз 55,2 млн. сомонӣ ҷудо гардидааст.

Воридоти пардохтҳои андоз (андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ) ва гумрукӣ аз ҷониби минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба буҷети давлатӣ дар солҳои 2011-2022 маблағи 190 млн. сомониро ташкил дод, ки ин аз маблағҳои аз буҷети давлатӣ ба инфрасохтори минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷудошуда тақрибан 4 маротиба зиёд аст.

Рушди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таъмини шуғли аҳолӣ мусоидат намуда, теъдоди умумии ҷойҳои нави корӣ дар онҳо ба 1221 баробар гардида, дар баробари ин ҳазорҳо ҷойҳои кории мавсимӣ ташкил карда шудаанд.

Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таҳкими иқтисоди содиротии кишвар ва татбиқи сиёсати воридотивазнамоӣ мусоидат намуда, то имрӯз дар онҳо ба маблағи беш аз 1214 млн. сомонӣ маҳсулоти саноатӣ, хизматрасонӣ ва фаъолияти содироту воридот, аз ҷумла дар МОИ “Суғд” 1087,3 млн. сомонӣ, МОИ “Данғара” 153,2 млн. сомонӣ, МОИ “Панҷ” 1,7 млн. сомонӣ ва МОИ “Ишкошим” 0,7 млн. сомонӣ истеҳсол гардидааст. Аз ҷумла, аз ҷониби субъектҳои МОИ дар соли 2021 ба маблағи қариб 200 млн. сомонӣ маҳсулоти гуногун (лулаҳо, қубурҳо ва зарфҳои пластикӣ, ноқилҳои барқӣ, профилҳои алюминӣ барои дару тирезаҳо, рангубори сохтмонӣ, маҳсулоти металлопластикӣ, дару тирезаҳои чубин, маҳсулоти ороишии сохтмонӣ, мебел, маводҳои шустушӯӣ, металлоконструксия ва ғайра) истеҳсол ва дар бозорҳои дохилӣ ва берун аз кишвар ба фурӯш бароварда шудаанд.

Самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоя ба минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ аз пашму чарм, рангҳои гуногуни сунъӣ ва синтетикӣ, васлкунӣ ва истеҳсоли автомобилҳо, тракторҳо ва техникаи гуногунтамға барои соҳаи кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо, қисмҳои эҳтиётӣ барои онҳо, таҷҳизот ва техникаю технологияи соҳаи коркард, хизматрасонӣ ва ниёзи мардум, истеҳсоли лулаҳои ғайриметаллӣ барои соҳаҳои гуногун, истеҳсоли маҳсулоти электротехникӣ, радиоэлектронӣ ва техникаи соҳаи маишӣ, тандурустӣ, истеҳсоли нуриҳои минералӣ ва биоиловагиҳо барои соҳаи кишоварзӣ, коркарди сангҳои ороишӣ ва нимқиматбаҳо, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ва ороишӣ (шиша, дару тиреза, хиштҳо ва панелҳои гарминигоҳдорандаи стандарти байналмилалӣ, истеҳсоли маҳсулоти фарматсевтӣ, фаъолият дар самти технологияи иттилоотӣ, тадқиқоти илмию техникӣ, фаъолияти инноватсионӣ, рушди нанотехнология, биотехнология ва дигарҳо маҳсуб меёбанд.

Яке аз ҳадафҳои асосии бунёд намудани минтақаҳои озоди иқтисодӣ ин бо роҳи пешниҳод ва ҷорӣ намудани низоми махсуси имтиёзноки андозию гумрукӣ ҷалб намудани шумораи бештари сармоягузорони дохилию хориҷӣ дар самти бунёди корхона ва коргоҳҳои нави саноатӣ, воридоти технологияи муосир, истеҳсоли маҳсулоти бо сифати рақобатпазири воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда ба ҳисоб меравад.

Бо ин мақсад ҷиҳати ҷалби боз ҳам бештари сармоягузорӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Кодекси нави андоз аз 1 январи соли 2020 меъёри андози иҷтимоӣ аз 25 то 20 фоиз, меъёри андоз аз даромад то 12 фоиз ва меъёри андоз аз арзиши иловашуда то 15% коҳиш дода шуд.

Ҳамзамон бӯҳронҳои иқтисодии глобалӣ, ҷой доштани мушкилоти геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ байни кишварҳо, тағйирёбии ноустувори нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, тағйирёбии иқлим ва паҳншавии пандемияи коронавирус ба иқтисодиёти кишвар, бахусус фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсири манфӣ расонида, боиси баланд шудани қурби асъори хориҷӣ нисбат ба асъори миллӣ, гарон шудани арзиши молу маҳсулот, коҳиш ёфтани равобити байни соҳибкорону сармоягузорони дохилию хориҷӣ, баста шудани сарҳадҳо, роҳҳои нақлиётию ҳавоӣ, мушкил гардидани воридоти воситаҳои техникӣ ва технологӣ аз хориҷи кишвар ва ба миён омадани дигар масъалаҳои мавҷуда гардида истодааст.

Мавҷудияти масъалаҳои

болозикр ва коҳишёбии ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишвар зарурияти такмили заминаи қонунгузории фаъолияти онҳоро ба миён меорад.

Таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ нишон медиҳад, ки ҷиҳати таъмини ҷолибияти сармоягузории минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар кишварҳои гуногун барои фаъолият дар минтақаҳо имтиёзҳои назаррас пешниҳод карда мешаванд.

Масъалан, дар Ҳиндустон тибқи Қонун “Дар бораи минтақаҳои махсуси иқтисодӣ аз соли 2005” субъектҳо аз андоз аз даромад ба муҳлати 5 сол аз рӯзи гирифтани фоида, барои 5 соли дигар ба андозаи 50% бо тартиби соддакардашуда озод карда мешаванд.[1]

Дар минтақаҳои озоди иқтисодии Арманистон субъектҳои МОИ аз пардохти андози даромад дар ҳаҷми даромаде, ки аз фаъолият дар минтақаи озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Арманистон ба даст оварда шудааст, озод карда мешаванд (Кодекси андози Ҷумҳурии Арманистон, моддаи 126, қисми 7) .[2]

Дар минтақаҳои озоди иқтисодии Эрон воридот бидуни боҷи содиротӣ барои истеҳсол дар асоси маҳсулоти алтернативӣ ва фурӯши онҳо дар минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ шудааст. Тибқи қоидаҳои андозбандӣ дар минтақаи озоди иқтисодии Эрон, ҳар як корхона, ки дар МОИ ба қайд гирифта шудааст, дар давоми 15 сол аз рӯзи бақайдгирӣ аз ҳама гуна андозҳо озод карда мешавад. Агар лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамчун афзалияти рушди МОИ эътироф шуда бошад, муҳлати озодкунии андоз метавонад ба 10 сол ва баъдан ба 5 соли дигар дароз карда шавад. Танҳо миқдори пардохтҳоро маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ муайян мекунад.[3]

Дар Туркия ширкатҳо ҳуқуқ доранд, ки фоидаро аз фаъолият дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба хориҷа бе мамониат равона кунанд.[4]

Вобаста ба ин зарур аст, ки дар асоси омӯзиши таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ” ва Низомномаҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҷиҳати пешниҳоди имтиёзҳои маъмурию фискалӣ, кам намудани маблағи иҷораи замин барои субъектҳои минтақаҳои ҷолибияти сармоягузориашон паст ва навташкил, роҳандозии тартиби содакардашудаи пешниҳоди иҷозати корӣ ба сармоягузорони хориҷӣ – субъектҳои МОИ, роҳандозии низоми «Равзанаи ягона» барои хизматрасонии мустақим ба субъектҳои МОИ, ҷалби ширкати идоракунанда барои рушди инфрасохтори минтақаҳо, тақвияти иқтидори Фонди ҷумҳуриявии рушди МОИ ва дигар масъалаҳое, ки бевосита ба фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ дахл доранд, тағйирот ворид карда шавад.

Айни замон, бо ин мақсад дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро таҳия карда истодаанд. Гурӯҳи корӣ тасмим дорад, ки масъалаи такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти Минтақаҳои озоди иқтисодии кишварро бо таҷрибаи дигар давлатҳои пешқадам, ки фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии онҳо дар рушди иқтисодиёти кишварашон саҳми назаррас доранд, мутобиқ намуда, ҷолибияти сармоягузории МОИ-ро баланд бардоранд.


**МАНБАЪ:**

1. Бизнес-навигатор по особым экономическим зонам России – 2019 / И.В. Голубкин, М.М. Бухарова, Л.В. Данилов и др.; Ассоциация развития кластеров и технопарков России. – М.: АКИТ РФ, 2019. – 180 с. http://akitrf.ru/upload/Russian_Special_Economic_Zones_Business_Navigator-2019_rus.pdf
2. https://www.crpp.ru/userfiles/export/Armeniya.pdf
3. Годовой обзор состояния экономики и основных направлений внешнеэкономической деятельности Исламской Республики Иран в 2017 году. Торговое представительство Российской Федерации в Исламской Республике Иран.
4. Republic of Türkiye Investment Office - Invest in Türkiye

# 20 БОНУИ МУВАФФАҚ ДАР НИЗОМИ
## БОНКИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУАЙЯН ГАРДИДАНД




12 майи соли 2023 бо иқдоми Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва дастгирии Бонки миллии Тоҷикистон, шарикони ҳамкор, аз қабили мушовир ва консули Дафтари Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Саломе Стайб, роҳбари Дафтари Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаррух Султонов, намояндаи ташкилоти “Занҳо ва духтарони тавонманд” (WAGE) дар Тоҷикистон Моҳру Маҳмудова, намояндаи Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд Баҳодур Юсупов, Кумитаи занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ассотсиатсияи миллии занони соҳибкор “Кадбону” Сабоҳат Раҳимзода, намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ маросими ҷоизасупорӣ ба ғолибони озмуни “20 бонуи муваффақ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон” доир гашт.

“Мо занони кишвар сарбаландона гуфта метавонем, ки маҳз бо саъю кӯшиш, дастгирӣ ва ташаббусҳои Роҳбари давлат дар мавриди устувор намудани мавқеи занон дар ҷомеа, ба фаъолияти идоракунӣ ҷалб намудани онҳо, тавассути квотаи президентӣ ба мактабҳои олӣ сафарбар намудани духтарони аз манотиқи дурдасти куҳистон, тақвият бахшидани механизми қонунгузории миллӣ оид ба масъалаҳои зан ва оила, таъмини кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари онҳо, қабул шудани як қатор санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Ҳадафҳои рушди устувор ва Барномаҳои давлатӣ оид ба масоили занон ба он мусоидат намуданд, ки иштироки фаъоли занон дар соҳаҳои









ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ таъмин гардад”- зикр кард дар пешорӯи маросими ҷоизасупорӣ З. Фаттидинова.

Чорабинии мазкур бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати дастгирии занону бонувони соҳибкор, фаъолгардонии занон дар иқтисоди миллӣ гузаронида шуд. Дар озмуни мазкур 55 номзад аз 14 ташкилоти қарзии молиявии кишвар ширкат варзиданд. Дар натиҷа, 20 нафар ғолибон аз рӯи





5 номина вобаста ба фаъолияти онҳо ба ҳайси беҳтарин роҳбари воҳиди сохторӣ, беҳтарин корманди бонкӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, корманди беҳтарин дар самти кор бо пасандозҳо ва қарзҳо, беҳтарин коршиноси қарзӣ ва беҳтарин корманди идорӣ оид ба ҳисоботдиҳӣ, аудит, комплаенс ва маркетинг муайян гардиданд. Ба ғолибони озмун дар фазои тантанавӣ туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

*Маҷаллаи “БТҶ”*



# ИНТЕРЕСНЫЕ ФАКТЫ

## ПРОИСХОЖДЕНИЕ ТЕРМИНА "БАНК"

Интересный факт касается и происхождения самого слова «банк». Термин пришёл в обиход из итальянской речи. В XV веке «кассой» служили небольшие скамейки или столики, на которых клиенты раскладывали принесённые монеты. Эти столики в итальянском называются словом banco, поэтому люди других национальностей, не знающие языка, стали использовать его в качестве наименования структуры. Слово прижилось и уже за несколько столетий распространилось по всему миру.

## ПРОИСХОЖДЕНИЕ СЛОВО «БАНКРОТ»

Не менее интересное и необычное происхождение слова «банкрот». Дело в том, что банковская сфера всегда была областью повышенного риска, поэтому такой бизнес мог прогорать и в средневековье. И не просто мог, а периодически прогорал. В таких случаях человек, которому задолжал ростовщик, в сердцах ломал скамейку для монет об голову неудачливого бизнесмена. Сломанная скамья на итальянском звучит как banco rotto. Это словосочетание прочно вошло в экономику, но мало кто знает его интересное первоначальное значение.

## В ШВЕЙЦАРСКОМ БАНКЕ ОБНАРУЖИЛИ СЧЕТ В.И.ЛЕНИНА

Иногда банковская документация выдаёт неожиданные факты. Например, в одном швейцарском банке недавно огласили данные, которые были закрыты грифом секретности много десятилетий подряд, но после истечения срока пришло время огласки. Этими данными стали результаты очередной ревизии, в ходе которой открылся интересный факт: до прошлого года в Швейцарии был открыт особый счёт. Собственником этого счёта является никто иной, как Владимир Ильич Ульянов-Ленин. И это не просто тёзка и однофамилец, а именно тот человек, который повлиял на ход мировой истории.

Правда, многие были разочарованы, узнав сумму вклада, которая составляет сущий мизер — 13 франков. Удивительно, что счёт с такой незначительной суммой исправно обслуживался всё это время. Видимо, не зря швейцарским банкам доверяют свои сбережения самые богатые люди мира, считая их символом надёжности и стабильности. Если бы Владимир Ильич положил это 13 франков на депозит, то к нынешнему времени там была бы уже внушительная сумма.

## КРУПНЕЙШЕЕ ОГРАБЛЕНИЕ

Факт о самом крупном банковском ограблении лучше всего известен историкам. Он зафиксирован даже в Книге рекордов Гиннеса как крупнейшая банковская кража. Произошла она предположительно в мае 1945 года. За годы Второй мировой войны главное финансовое учреждение Германии – Рейхсбанк – пополнялось многомиллионными экспонатами и золотым запасом из поверженных стран. Ещё до 1939 года в хранилищах находилось 192 млн долларов. В натуральном выражении содержимое хранилищ составляло 171 тонну золота высшей пробы.

С началом активных военных действий средства и драгоценности полились в Рейхсбанк золотым дождём: сюда свозились захваченные деньги других банков Европы, драгоценности самых богатых еврейских родов и пр. В 1945 году золотой запас возрос с 171 тонны до 600 тонн.

Однако, на момент захвата Рейхсбанка советскими войсками в его хранилищах не осталось ровным счётом ничего. Высшие чины НКВД приложили всевозможные усилия, чтобы установить место, куда вывезли золото. Советскими военными проводилась масса допросов и опросов местного населения.

Показания свидетелей сходились к тому, что всего за сутки до захвата из хранилищ целой кавалькадой грузовых машин что-то очень ценное вывозили в сопровождении вооружённой охраны. Это означало, что бесценный груз не мог быть вывезен слишком далеко. Но самые отчаянные попытки найти его увенчались крахом. Власти советского союза очень рассчитывали на такую крупную добычу, стоимость которой в нынешнем выражении составляла около 3,34 млрд долларов. Это было, пожалуй, самое огромное разочарование в истории, а состояние Рейхсбанка тем временем плавно перетекало из государственных в частные руки.



**▶ Ба КВД БА ҶТ "Амонатбонк" иҷозатнома дода шуд**

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 6 апрели соли 2023, тахти №37, ба Корхонаи воҳиди давлатии "Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон "Амонатбонк"" ба тариқи азнавбарасмиятдарорӣ барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

**▶ ЧДММ ТАҚХ "Баракат молия" иҷозатнома гирифт**

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 майи соли 2023, тахти №47 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди "Баракат молия" барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

**▶ Иҷозатномаи ЧДММ ТАҚХ "Тамвил" бозхонд шуд**

Дархости ЧДММ ТАҚХ "Тамвил" оид ба бозхонди иҷозатнома ва барҳамдиҳии ихтиёрӣ дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тахти №54, аз 12 майи соли 2023 қонеъ гардонида шуд. Мақомоти ваколатдори ЧДММ ТАҚХ "Тамвил" вазифадор карда шуд, ки расмиёти барҳамдиҳии ихтиёрии ташкилоти амонатии қарзии хурдро дар асоси қонунгузории амалкунанда анҷом диҳад.

**▶ Амалнамоии иҷозатномаи ЧДММ "Интер аудит правда" қатъ карда шуд**

Амалнамоии иҷозатномаи ЧДММ "Интер аудит правда", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2021, №198 барои анҷом додани фаъолияти аудиторӣ дар бахши аудити ташкилотҳои суғуртавӣ дода шудааст, бо дархости муассисаи мазкур оид ба ихтиёран даст кашидан аз машғулшавӣ ба фаъолияти аудиторӣ дар бахши аудити ташкилотҳои суғуртавӣ, қатъ карда шуд.

**▶ Мухлати иҷозатномаи КВД "Тоҷиксуғурта" тамдид карда шуд**

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 7 марти соли 2023, тахти №28 бинобар сабаби ба итмом расидани мухлати амали иҷозатномаи Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта", ба КВД "Тоҷиксуғурта" барои амалӣ намудани фаъолияти суғуртавӣ бо роҳи тамдид ба мухлати 5 сол иҷозатнома дода шуд. Ҳамчунин дар асоси қарори мазкур иҷозатномаи КВД "Тоҷиксуғурта", ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 13 июли соли 2021, тахти №112 ҷиҳати амалисозии фаъолияти суғуртавӣ дода шудааст, аз эътибор соқит дониста шуд.

**▶ ЧДММ "Ташкилоти суғуртавии Эсхата Суғурта" соҳиби иҷозатнома шуд**

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 апрели соли 2023, тахти №43 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Ташкилоти суғуртавии Эсхата Суғурта" барои фаъолияти суғуртавӣ аз рӯйи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ ба мухлати 5 сол иҷозатнома дод шуд.

**▶ Ба ЧДММ "РАССЕЛЛ БЕДФОРД ААА" иҷозатнома дода шуд**

Бино ба қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 12 майи соли 2023, тахти №53 ба ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "РАССЕЛЛ БЕДФОРД ААА" барои анҷом додани фаъолияти аудиторӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ба мухлати 5 сол иҷозатнома дода шуд.



# Оғози раванди гузаронидани “Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм” (БХМ ҚД/МТ)-и навбатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар доираи ҳамкориҳое, ки бо шарикони рушд, бахусус бо Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар Душанбе ба роҳ монда шуданд, имкон пайдо гардид, ки Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (БХМ ҚД/МТ)-и навбатӣ бо ҷалби коршиноси сатҳи байналмилалӣ оғоз гардад.

Бо ин мақсад, рӯзҳои 25 - 27 апрели соли 2023 коршиноси ҷалбгардидаи сатҳи байналмилалӣ Бярне Хансен дар Тоҷикистон қарор дошт.

Аз ҷумла, дар Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдори кишвар як қатор вохӯриҳои дуҷонибаю бисёрҷониба баргузор шуда, раванди баҳодиҳӣ, методологияи гузаронидани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодҳо вобаста ба қадамҳои минбаъдаи ҷонибҳо муҳокима гардиданд.

Ҳамзамон бо ин, таҳти роҳбарии мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ – роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба БХМ ҚД/МТ Сироҷзода Сайфиддин дар ҷараёни вохӯриҳои коршиноси байналмилалӣ ҷаласаи навбатии гурӯҳи кории мазкур бо иштироки аъзо аз вазорату идораҳои дахлдори кишвар баргузор гардид.

Қайд гардид, ки азбаски баҳодиҳии хавфи миллӣ самтҳои гуногун, аз ҷумла самтҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, коррупсия, мубориза бар зидди қочоқи маводи мухаддир, амният ва бахусус хавфҳои қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаро инъикос менамояд, гурӯҳи кории болозикр дар баҳодиҳӣ нақши ниҳоят муҳим мебозад.



Таъкид карда шуд, ки департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон якҷо бо аъзои Гурӯҳи кории БХМ ҚД/МТ бо коршиноси байналмилалӣ ҳамкориро вусъат бахшида, табодули иттилоотро тибқи тартиби муқарраргардида ба роҳ монад.

Боиси зикр аст, ки бори нахуст БХМ ҚД/МТ тибқи талаботи тавсияи якуми Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) дар доираи кумаки техникии Бонки Осиёии Рушд солҳои 2015-2017 гузаронида шуда, ҳисоботи он 18 сентябри соли 2017 дар ҷаласаи Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, ки таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ амал менамояд, тасдиқ гардида буд.





## ВОХӮРӢ БО ҲАЙАТИ ХАДАМОТИ ФЕДЕРАЛИИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

Рӯзҳои 4-5 майи соли 2023 дар Бонки миллии Тоҷикистон вохӯрии ҳайати Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Россия бо намояндагони департаменти мониторинги молиявӣ дар доираи муаррифии Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳои қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм сурат гирифт.

Тарафҳо Консепсияи “бахши” бехатарии молиявӣ, вазифаю самтҳои асосии ҳамкорӣ, инчунин тартиби муайян карданӣ таҳдидҳои фавқулмиллиро дар асоси Консепсияи мазкур муҳокима намуданд.

Ҳамзамон, зимни вохӯрӣ ва семинар истифодаи амалии фаъолияти Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳо, вазифаҳои асосии он, захираҳо ва усули таҳлил дар заминаи захираҳои маркази мазкур нишон дода шуд.

Боиси зикр аст, ки тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ барои таъсиси Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳо айни замон дар ҳолати ниҳоӣ қарор дошта, лоиҳаи Созишномаи он расмиёти дохилидавлатиро гузашта истодааст ва метавон гуфт, ки баъд аз ба таври зарурӣ аз расмиёт гузаштани санади болозикр, дар Бонки миллии Тоҷикистон Маркази байналмилалии баҳодиҳии хавфҳо таъсис дода мешавад.

***Департаменти мониторинги молиявӣ***



# ТАНГАҲОИ ХОТИРАВӢ ВА ҶАШНИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини талаботи нумизматӣ ва коллексионии аҳолӣ, тангаҳои хотиравӣ ва ҷашниро ба фурӯш мебарорад.**

**Маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” тасмим дорад, дар саҳифаҳои худ номгӯи тангаҳои хотиравӣ ва ҷашниро, ки дар Хазинаи марказии Бонки миллии Тоҷикистон мавҷуд аст, нашр намояд. Аз ин рӯ, ба ҳаводорони нумизматика ва дӯстдорони таъриху фарҳанги миллӣ иттилоъ дода мешавад, ки барои харидорӣ намудани тангаҳои хотиравӣ ва ҷашнии Бонки миллии Тоҷикистон бо нишонии зерин: шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 23/2, шуъбаи хизматрасонии хазинавии Бонки миллии Тоҷикистон бо рақами телефони (+992 44) 620-05-35 муроҷиат намоянд.**

**Ҳамзамон, шаҳрвандон метавонанд ҷиҳати харидории тангаҳои номбурда ба шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хоруғ, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва шаҳраки Ғарм муроҷиат намоянд.**

## 1. ТАНГАИ ХОТИРАВӢ БА ИФТИХОРИ “600 -СОЛАГИИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМӢ”

Тангаи хотиравии Бонки миллии Тоҷикистон ба ифтихори “600 - солагии Абдураҳмони Ҷомӣ”- шоир, нависанда ва мутафаккири бузурги адабиёти классикии тоҷику форс барои ҳадафҳои нумизматӣ аз нуқраи холис сохта шудааст.

**Рӯи танга (аверс)**: Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ бо забони англисӣ акс ёфтааст. Дар байни ин ду навиштаҷот аз тарафи чап сифат ва иёри филиз “Ag 925” ва аз тарафи рост соли барориш “2014” ҷой дода шудааст. Дар маркази давра Нишони рангаи давлатии Тоҷикистон ва дар зери он адади “500 сомонӣ”, дар поёни он бошад, адади “2014”, ки арзиш ва соли барориши тангаро ифода менамоянд, тасвир ёфтаанд.

**Паси танга (реверс):** Дар қисмати чапи ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Абдураҳмони Ҷомӣ” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати рост ҳамин навиштаҷот бо забони англисӣ акс ёфтааст. Ин ду навиштаҷотро аз боло як нуқта ва аз поён адади “600” дар дохили нақши миллӣ ҷудо







Маълумоти техникии тангаи хотиравӣ ба ифтихори 600 - солагии Абдураҳмони Ҷомӣ

| Арзиш | Филиз | Вазни умумӣ |
|---|---|---|
| 500 сомонӣ | нуқра Ag 925 | 31,10 гр. |
| **Кутр** | **Миқдор** | **Нархи фурӯш** |
| 38,61мм. | 2500 дона | 567,1сомонӣ |

мекунад. Дар маркази давра расми шоир ва мутафаккири адабиёти классикии тоҷику форс Абдураҳмони Ҷомӣ  тасвир ёфтааст. Аз тарафи чапи расм адади “1414” ва аз тарафи рост адади “1492”, ки солҳои таваллуд ва вафоти шоирро ифода менамоянд, дарҷ гардидаанд. Канораи танга дандонадор мебошад.

## 2. ТАНГАИ ХОТИРАВӢ БА ИФТИХОРИ 700 - СОЛАГИИ МИР САЙИД АЛӢ ҲАМАДОНӢ

**Рӯи танга (аверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ бо забони англисӣ акс ёфтааст. Дар байни ин ду навиштаҷот аз тарафи чап сифат ва иёри филиз “Ag 925” ва аз тарафи рост соли барориш “2014” ҷой дода шудааст. Дар маркази давра Нишони рангаи давлатии Тоҷикистон ва дар зери он адади “500 сомонӣ”, дар поёни он бошад, адади “2014”, ки арзиш ва соли барориши тангаро ифода менамоянд, тасвир ёфтаанд.




Маълумоти техникии тангаи хотиравӣ ба ифтихори 700 - солагии Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ

| Арзиш | Филиз | Вазни умумӣ |
|---|---|---|
| 500 сомонӣ | нуқра | 31,10 гр. |
| **Кутр** | **Миқдор** | **Нархи фурӯш** |
| 38,61мм. | 2500 дона | 567,1сомонӣ |

**Паси танга (реверс):** Дар қисмати чапи ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Алӣ Ҳамадонӣ” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати рост ҳамин навиштаҷот бо забони англисӣ акс ёфтааст. Ин ду навиштаҷотро аз боло як нуқта ва аз поён адади “700” дар дохили нақши миллӣ ҷудо мекунад. Дар маркази давра расми шоир ва мутафаккир Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ тасвир ёфтааст. Аз тарафи чапи расм адади “1314” ва аз тарафи рост адади “1384”, ки солҳои таваллуд ва вафоти шоирро ифода менамоянд, дарҷ гардидаанд. Канораи танга дандонадор мебошад.

## 3. ТАНГАИ ХОТИРАВӢ БА ИФТИХОРИ 20-СОЛАГИИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Рӯи танга (аверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ бо забони англисӣ акс ёфтааст. Дар байни ин ду навиштаҷот аз тарафи чап сифат ва иёри филиз “Ag 925” ва аз тарафи рост соли барориш “2014” ҷой дода шудааст. Дар маркази давра Нишони рангаи давлатии Тоҷикистон ва дар зери он адади “500 сомонӣ”, дар поёни он бошад, адади “2014”, ки арзиш ва соли барориши тангаро ифода менамоянд, тасвир ёфтаанд.

**Паси танга (реверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забони тоҷикӣ ва




Маълумоти техникии тангаи хотиравӣ ба ифтихори 20-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

| Арзиш | Филиз | Вазни умумӣ |
|---|---|---|
| 500 сомонӣ | нуқра | 31,10 гр. |
| **Кутр** | **Миқдор** | **Нархи фурӯш** |
| 38,61мм. | 2000 дона | 586,91сомонӣ |

дар қисмати поёнӣ ҳамин навиштаҷот бо забони англисӣ акс ёфтааст. Ин ду навиштаҷотро аз ду тараф як нуқтагӣ ҷудо мекунанд. Дар маркази давра харита ва китоби Конститутсияи  Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир ёфтаанд. Дар болои харита ва китоб навиштаҷоти “XX сол” дарҷ шудааст. Дар қисми поёнии китоб минбари сутундор ва аз ду ҷониби он нақшҳои миллӣ акс ёфтаанд. Канораи танга дандонадор мебошад.

## 4. ТАНГАИ ХОТИРАВӢ БА ИФТИХОРИ 90-СОЛАГИИ ПОЙТАХТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Рӯи танга (аверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ бо забони англисӣ акс ёфтааст. Дар байни ин ду навиштаҷот аз тарафи чап сифат ва иёри филиз “Ag 925” ва аз тарафи рост соли барориш “2014” ҷой дода шудааст. Дар маркази давра Нишони рангаи давлатии Тоҷикистон ва дар зери он адади “500 сомонӣ”, дар поёни он бошад, адади “2014”, ки арзиш ва соли барориши тангаро ифода менамоянд, тасвир ёфтаанд.







Маълумоти техникии тангаи хотиравӣ ба ифтихори 90-солагии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе

| Арзиш | Филиз | Вазни умумӣ |
|---|---|---|
| 500 сомонӣ | нуқра | 31,10 гр. |
| **Қутр** | **Миқдор** | **Нархи фурӯш** |
| 38,61мм. | 2000 дона | 558.68сомонӣ |

**Паси танга (реверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ ҳамин навиштаҷот бо забони англисӣ акс ёфтааст. Ин ду навиштаҷотро аз ду тараф як нуқтагӣ ҷудо мекунанд. Дар маркази давра бинои Театри давлатии академии опера ва балети ба номи С. Айнӣ тасвир ёфтааст. Дар болои бино рамзи рангаи тоҷи подшоҳӣ дар дохили арк акс шудааст. Дар ду ҷониби рамз ададҳои “1924” ва “2014” дар дохили нақшҳо дарҷ ёфтаанд. Дар қисми поёнии бино адади “90” дар дохили нақшҳои миллӣ ва аз ду ҷониби он ҳамчунин нақшҳои миллӣ акс ёфтаанд. Канораи танга дандонадор мебошад.

## 5. ТАНГАИ ХОТИРАВӢ БА ИФТИХОРИ 90-СОЛАГИИ ПОЙТАХТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Рӯи танга (аверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ бо забони англисӣ акс ёфтааст. Дар байни ин ду навиштаҷот аз тарафи чап сифат ва иёри филиз “Ag 925” ва аз тарафи рост соли барориш “2014” ҷой дода шудааст. Дар маркази давра Нишони рангаи давлатии Тоҷикистон ва дар зери он адади “500 сомонӣ”, дар поёни он бошад, адади “2014”, ки арзиш ва соли барориши тангаро ифода менамоянд, тасвир ёфтаанд.







Маълумоти техникии тангаи хотиравӣ ба ифтихори 90-солагии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе

| Арзиш | Филиз | Вазни умумӣ |
|---|---|---|
| 500 сомонӣ | нуқра | 31,10 гр. |
| **Қутр** | **Миқдор** | **Нархи фурӯш** |
| 38,61мм. | 2000 дона | 558,68сомонӣ |

**Паси танга (реверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ ҳамин навиштаҷот бо забони англисӣ акс ёфтааст. Ин ду навиштаҷотро аз ду тараф як нуқтагӣ ҷудо мекунанд. Дар маркази давра бинои Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир ёфтааст. Дар болои бино рамзи рангаи тоҷи подшоҳӣ дар дохили арк акс шудааст. Дар ду ҷониби рамз ададҳои “1924” ва “2014” дар дохили нақшҳо дарҷ ёфтаанд. Дар қисми поёнии бино адади “90” дар дохили нақшҳои миллӣ ва аз ду ҷониби он ҳамчунин нақшҳои миллӣ акс ёфтаанд. Канораи танга дандонадор мебошад.

## 6. ТАНГАИ ХОТИРАВӢ БА ИФТИХОРИ 90-СОЛАГИИ ПОЙТАХТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Рӯи танга (аверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ бо забони англисӣ акс ёфтааст. Дар байни ин ду навиштаҷот аз тарафи чап сифат ва иёри филиз “Ag 925” ва аз тарафи рост соли барориш “2014” ҷой дода шудааст. Дар маркази давра Нишони рангаи давлатии Тоҷикистон ва дар зери он адади “500 сомонӣ”, дар поёни он бошад, адади “2014”, ки арзиш ва соли барориши тангаро ифода менамоянд, тасвир ёфтаанд.




Маълумоти техникии тангаи хотиравӣ ба ифтихори 90-солагии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе

| Арзиш | Филиз | Вазни умумӣ |
|---|---|---|
| 500 сомонӣ | нуқра | 31,10 гр. |
| **Кутр** | **Миқдор** | **Нархи фурӯш** |
| 38,61мм. | 2000 дона | 558.68сомонӣ |

**Паси танга (реверс):** Дар қисмати болоии ҳалқаи берунӣ навиштаҷоти “Пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе” бо забони тоҷикӣ ва дар қисмати поёнӣ ҳамин навиштаҷот бо забони англисӣ акс ёфтааст. Ин ду навиштаҷотро аз ду тараф як нуқтагӣ ҷудо мекунанд. Дар маркази давра бинои Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир ёфтааст. Дар болои бино рамзи рангаи тоҷи подшоҳӣ дар дохили арк акс шудааст. Дар ду ҷониби рамз ададҳои “1924” ва “2014” дар дохили нақшҳо дарҷ ёфтаанд. Дар қисми поёнии бино адади “90” дар дохили нақшҳои миллӣ ва аз ду ҷониби он ҳамчунин нақшҳои миллӣ акс ёфтаанд. Канораи танга дандонадор мебошад.

● **Бонки миллии Тоҷикистон соли 2014 ба ифтихори 5500 - солагии Саразм, 3000 - солагии Ҳисор ва силсилаи “Бозиҳои олимпӣ” - “Ҷаҳиш аз частгоҳ”, “Лижаронии поёнсӯ”(Слалом) ва “Биатлон” панҷ намуд тангаҳои хотиравии арзишашон 50 ва 100 сомониро, ки аз нуқраи холис сохта шудаанд, барои ҳадафҳои нумизматӣ баровард.**

## 7. ТАНГАИ ХОТИРАВӢ БА ИФТИХОРИ 5500 - СОЛАГИИ САРАЗМ

**Рӯи танга (аверс):** Дар ҳалқаи берунии курс навиштаҷоти “Ҷумҳурии Тоҷикистон” бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ




Маълумоти техникии тангаи хотиравӣ ба ифтихори 5500 - солагии Саразм

| Арзиш | Филиз | Вазни умумӣ |
|---|---|---|
| 100 сомонӣ | нуқра | 31,1. |
| **Кутр** | **Миқдор** | **Нархи фурӯш** |
| 38,61мм. | 5000 дона | 533сомонӣ |

акс ёфта, ҳамчунин вазн (31,1) ва иёри филизи (Ag 925) танга нишон дода шудааст. Дар маркази курс Нишони давлатии Тоҷикистон ва дар зери он арзиши танга, “100 сомонӣ” сабт гардидааст.

**Паси танга (реверс):** Дар ҳалқаи берунии курс навиштаҷоти ”Саразм” бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷой дода шудааст.
